ОИННОМАИ АХЛОҚИИ ДАЪВАТ:

ОИД БА ДАЪВАТИ МУЪТАДИЛ

ҲИШОМ ТОЛИБ

Оинномаи ахлоқии даъват: Оид ба даъвати муътадил

ДОКТОР ҲИШОМ ТОЛИБ

Бишкек 2023

УДК 297
ББК 86.38-6
Т 52

Оинномаи ахлоқии даъват:
Оид ба даъвати муътадил (Tajik)
Ҳишом Толиб

© Ҳишом Толиб
1444 АН / 2023 СЕ
ISBN 978-9967-08-994-5 *paperback*

Inviting to Islam:
Ethics of Engagement (Tajik)
Hisham Altalib

© *Hisham Altalib*
1436 АН / 2014 СЕ
ISBN 978-1-56564-659-9 *paperback*

Тарҷумон: Мирзоев Насим Шарафович
Муҳаррир: Мирзоев Ҷовид Шарафович
Муҳаррири фаннӣ: Байчабаева Элмира Наринбековна
Саҳифабанд: Кекенова Нарбегим Бейшембековна

Ин китоб аз ҷониби Идораи дини мусулмонони Қирғизистон тасдиқ шудааст.

Китоб аз ҷониби Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ нашр шудааст
Бознашри ин китоб ё бахши он бе иҷозати хаттии Муассиса мамнӯъ аст. Фикру андешаҳое, ки дар ин китоб баён шудаанд, аз они муаллифанд ва метавонанд нуқтаи назари ношир, тарҷумон ва муҳаррирон-ро инъикос накунанд.

Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст.
ISBN 978-9967-08-994-5

УДК 297
ББК 86.38-6

بِسْمِ اللّٰهِ الرَّحْمنِ الرَّحِيمِ

وَالْعَصْرِ إِنَّ الْإِنسَانَ لَفِي خُسْرٍ إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا
وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ وَتَوَاصَوْا بِالْحَقِّ وَتَوَاصَوْا بِالصَّبْرِ

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон!

Савганд ба ин замон, ки одамӣ дар зиён аст, ғайри онҳо,
ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд ва якдигарро ба ҳақ
супориш карданд ва якдигарро ба сабр супориш карданд.

Ҳадафи Оиннома

Аз оммаи мусулмонон ва махсусан доиён хоҳиш карда мешавад, ки перомуни маҷмӯае аз усул ва қоидаҳое, ки оинномаи ахлоқии даъват ва фарҳанги андешидану фаъолиятро ташкил медиҳанд, ҷамъ шаванд, то фазои муваффақият, дурусткорӣ ва фаъолият васеътар гашта, доираи ихтилофот, хатогиҳо ва заъфу сустӣ тангтар шавад.

ФЕҲРИСТ

Пешгуфтор *xi*
Муқаддимаи чопи дуюм *x*
Муқаддимаи чопи якум *xii*
Нигоҳе ба Оиннома *xxi*

Фасли аввал: Исломе, ки ба сӯи он даъват мекунем **1**
1. Толиққанды таухид
2. Дини тавҳид ва ваҳдат
3. Муроҷиа ба сарчашмаҳо
4. Ислом дини аллоҳ ва шомил аст
5. Шумулияти маънои ибодат
6. Бародарии исломӣ
7. Мусулмони пурзӯр
8. Ҳазар аз диндории нодуруст
9. Тоатҳо ва гуноҳон

Фасли дуюм: Масоили исломӣ **8**
10. Оила дар ислом
11. Мақоми зан дар ислом
12. Озодӣ дар ислом
13. Ҳуқуқи инсон дар ислом
14. Бародарии инсонӣ дар ислом
15. Ду мансубияте, ки ҳамдигарро комил месозанд

Фасли сеюм: Алоқаи байни доиёни инфиродӣ ва Муассисавӣ **12**
16. Такомули фаъолиятҳои даъватӣ
17. Эҳтироми тахассус
18. Даъватгар ва беҳтарин фурсат
19. Роҳи муштарак
20. Ҳамфикрӣ
21. Гурӯҳе аз мусулмонон
22. Расмӣ ва мардумӣ
23. Фаъолиятҳои муассисавӣ
24. Рӯҳияи гурӯҳ
25. Шӯро
26. Тағйири дӯстонаи вазифа
27. Риояи хусусиятҳо
28. Эҳтиром, на муқаддаснамоӣ
29. Марҳабо ба дигарон
30. Дурусткориро инҳисор намекунем

Фасли чорум: Пешрафт ва тарбия дар фаъолиятҳои даъватӣ **20**
31. Таъйини ҳадафҳо
32. Ба сӯи оянда
33. Навоварии боҳикмат
34. Худкифоӣ
35. Намунаи шоиста
36. Мақоме, ки набояд талаб карда шавад
37. Роҳбар кардани беҳтарин
38. Уҳдадории ҳатмӣ
39. Наргисиҳо ва лаҳзаи ҷудоӣ
40. Рӯҳияи мусбат
41. Доираҳои таъсир ва аҳамият
42. Масъулияти башарият
43. Масъулият дар баробари нокомиҳо
44. Аҳамияти муҳосиба

Фасли панҷум: Фиқҳи даъват **28**
45. Фиқҳи иҷтиҳоди гурӯҳӣ
46. Фиқҳи ихтилоф
47. Фиқҳи пайравӣ аз мазҳаб
48. Фиқҳи мақсадҳо
49. Фиқҳи авлавиёт
50. Фиқҳи натиҷаҳо
51. Фиқҳи воқеият
52. Фиқҳи муътадилӣ
53. Фиқҳи фоидаҳо ва зарарҳо
54. Фиқҳи суннатҳои илоҳӣ
55. Фиқҳи тадриҷ
56. Фиқҳи марҳалаҳо
57. Фиқҳи интихоб
58. Фиқҳи бархӯрд бо фитнаҳо

Фасли шашум: Масъалаҳои методологӣ **38**
59. Ислом ва даъват
60. Равиши беҳтар
61. Даъвати умумӣ
62. Усулҳои қуръонӣ сарчашмаи: асосӣ ҳастанд
63. Идомаи кори пешиниён
64. Навиштаҳои возеҳ
65. Истилоҳоти дақиқ
66. Рушди шинохти хатар
67. Ихлос ва дурусткорӣ
68. Идораи эҳсосот

69. Шуҷоати амал кардан
70. Шуҷоати бозистодан
71. Оромии матлуб
72. Эътино ба маъно, на ба ном
73. Ҷомеаҳои мо исломӣ ҳастанд, вале...
74. Навҳидоятёфтагон
75. Пирӯзиҳо ва шикастҳо
76. Бархӯрд бо ҳадисҳои дар бораи: фитна ва ҷангҳо
77. Оянда аз они ислом аст

Фасли ҳафтум: Ҳадафҳо ва василаҳо **48**
78. Ҳадафҳо ва василаҳо
79. Аҳамият ба истеъдодҳо
80. Ахлоқи гуфтугӯ
81. Ихтилоф дар афзалият
82. Ҳазлу шӯхии матлуб
83. На бар хусумат!
84. Аҳамияти забони арабӣ
85. Васила ҳамроҳи ҳадаф

Фасли ҳаштум: Ҳушдорҳои методологӣ **52**
86. Масъулият, на мансаб
87. Як роҳбарият
88. Фиребҳои тағйирот
89. Аксуламал
90. Исрофи ақл
91. Таассуб ва ҷонибдории кӯр-кӯрона
92. Бартарӣ, вале...
93. Одат аст, на дин
94. Вобастагӣ ва бепарвоӣ
95. Шабнишиноҳои беҳуда
96. Кӯтоҳӣ ва тақсир
97. Хатарҳои пинҳонкорӣ
98. Хатарҳои умумият
99. Дасиса
100. Ихтилофҳои муфид

Хотима **61**

ПЕШГУФТОР

Хонандаи гиромӣ китоберо, ки дар даст доред, барои даъватгарони дини Ислом омода шудааст, то онро барои худ ҳамчун роҳнамо ва дастурамал қарор дода, аз роҳнамоиҳои он истифода намоянд. Албатта, набояд фаромӯш намоем, ки вақте даъватгар мегӯем, ҳар як мусулмонро дар назар дорем, зеро ҳар яки мо намояндагии Исломро менамоем. Ҳар як мусулмон дар ҷои кораш, дар ҷои зисташ, дар ҷои таҳсилоташ, дар варзишгоҳаш намояндагӣ аз Ислом менамояд. Албатта, уламо ва донишмандон масъулияти бузургтар доранд, вале ҳар як мусулмон ба қадри тавоноияш дар пешгоҳи Худованд аз хидмати динаш пурсида мешавад. Пас ҳар як мусулмон бояд вазифаи худро бидонад ва ҳамарӯза дар фикри анҷоми вазифааш бошад. Бо хондани ин китоб мусулмон меомӯзад, ки чӣ гуна дар майдонҳои мухталифи зиндагӣ даъват намояд ва бо ахлоқи хуб ва рафтори зебо дар дохили хонавода ва ҷомеа дини мубораки Исломро нашр кунад.

Дар кишварҳои Малайзия ва Индонезия, ки аз кишварҳои исломии тараққикарда ба шумор мераванд, дини мубораки Ислом тавасути тоҷирони мусулмон нашр гаштааст. Тоҷирони мусулмон бо ахлоқи хуб, садоқат ва амонатдорӣ тавонистанд дини мубораки Исломро барои мардуми ин кишварҳо муаррифӣ намоянд. Мусулмон ҳар ҷое, ки рафт, бояд бидонад, ки ӯ намояндагӣ аз фарҳанги исломӣ мекунад ва ҳар рафтори хуби ӯ ба фоидаи Ислом хоҳад буд ва инчунин ҳар рафтори бади ӯ низ метавонад бар зарари Ислом буда, сабаби дур гаштани мардум аз Ислом гардад. Пас вақте ба мамлакатҳои ғайри исломӣ барои таҳсил ва ё кору фаъолият меравем, ҳатман инро бидонем, ки мо намояндагӣ аз фарҳанги исломӣ менамоем ва бояд талош намоем, то мардумро бо ахлоқи хуб ва фарҳанги волои исломӣ бо дини мубораки Ислом ошно намоем ва дини Худоро барои онҳо маҳбуб бигардонем. Нашри дини Худо вазифаи ҳар як мусулмон мебошад.

Талош кардем, то ин китоб бо услуби сода ва осон тарҷума шавад ва баъзе калимаҳо ва истилоҳоти мушкилфаҳми онро ба таври мухтасар маънидод намудем.

Аз Аллоҳи мутаол хоҳонем, ки ин амалро дар мизони ҳасаноти муаллиф, мутарҷим ва хонандагони азиз бинависад ва ба воситаи он уммати исломиро нафъ бирасонад.

МУТАРҶИМ

МУҚАДДИМАИ ЧОПИ ДУЮМ

Бозгашт ба ин Оиннома баъд аз гузашти муддате аз чопи аввал бо нияти холис, ақли бедор, хоҳиши такмили он ва фаҳми дақиқи ибратҳо аз ҳодисаҳои солҳои гузашта, таъкид бар он дорад, ки ин як амали пурҳикмат ва нек аст, ки барои ризои Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло ва хидмат ба тамоми ин уммат анҷом ёфтааст. Ин амал дур аз мансубиятҳои қавмӣ, ҳизбӣ, ҷуғрофӣ ва нажодӣ анҷом ёфта, гавҳарро бар зоҳир, мақсадро бар восита ва мазмунро бар шакл бартарӣ додааст, ки метавон онро ҳамчун дастурамале барои ҳама муаррифӣ намуд, то ҳама аз хубиҳои он истифода намоянд ва хусусиятҳояшро қабул ва камбудиҳояшро ислоҳ намуда, онро рушд диҳанд.

Дар партави ин рӯҳияи нек чопи дуюми ин китоб омода гашт. Дар ин чоп баъзе қоидаҳои муҳим илова гашта, дар баъзе ибораҳо тағйирот дароварда шуд, то китоб хубтар ва комилтар гардад. Баъзе ибораҳо илова ва баъзе ҷойҳои дигар мухтасар шуданд. Чопи дуюм бо ин тағйирот аз чопи аввал хубтар шуд ва умед аст, ки чопи сеюм аз ду чопи аввал беҳтар бошад.

Ин китоб мавриди таърифу тамҷиди бисёриҳо қарор гирифт, вале бо овардани тавсифи устоди бузургвори шодравон Солеҳ Ҳусайин, ки тавсифи хубу мавриди эҳтиром аст, кифоя мекунем. Зеро ин марди бузургвор дидгоҳи амиқ дошта, фақиҳ, қонундон, андешманд, мухлис, зоҳид буд ва илова бар ин аз хусусиятҳову хатогиҳои фаъолиятҳои исломӣ ба хубӣ бохабар буд. Бо вуҷуди одобу ахлоқи бузургаш бо касе тамаллуқ надошт ва касеро, ки сазовори намебуд, таърифу тамҷид намекард. Худованд раҳматаш карда, ҷои холиашро бо ҷонишинони нек пур созад.

Ман бо ин таҳқиқотам даъвои маъсумият ва покӣ аз хато намекунам, зеро ин сифати паёмбарон аст ва ҳар кӣ даъво кунад, ки тамоми илмро дар бар гирифтааст, худашро нашинохтааст, зеро илм бахрест, ки соҳил надорад.

Ман ин суханро муносиби ҳолам медонам: “Ҳар касе китоберо таълиф намояд, фардо хоҳад гуфт: “Агар ин набуд, хубтар мешуд; агар чизе ин ҷо илова мешуд, беҳтар мебуд; агар ин ҷо тақдиму таъхир мешуд, хуштар мешуд ва агар ин кӯр карда мешуд, нектар ме-

буд”. Ин панди бузург бар он далолат мекунад, ки тамоми инсонҳо камбудӣ ва нуқсон доранд”.[1]

Бори Худоё, Ту Пок ҳастӣ ва ман Туро ҳамду ситоиш мекунам. Гувоҳӣ медиҳам, ки ба ҷуз Ту маъбуде нест, аз Ту бахшиш металабам ва пеши Ту тавба мекунам.

Бори Худоё бар равони Пайғамбари мо ва олу асҳобаш дуруду саломи бепоён бирасон.

Ҳишом Толиб
2019 м., 1440 ҳ.

1 Ин суханон ба Қозӣ Абдурраҳими Бисонӣ мансуб мебошанд. Ниг. ба: Қиннавҷӣ, Сиддиқ ибн Ҳасан. Абҷад ал-улум. Зери таҳрири Абдулҷаббор Заккор. Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмиййа, 1978. Т. 1. С. 70.

МУҚАДДИМАИ ЧОПИ ЯКУМ

Дар ҷаҳони Ислом ҳушёрии ҳамаҷонибаи исломӣ ба вуҷуд омадааст ва ин падидаи мусбат ва муборак ба он далолат мекунад, ки уммати исломӣ аз хоби ғафлат бедор шуда, эҳсоси ҳастӣ менамояд, ба дини худ ифтихор мекунад, барои раҳоӣ аз қафомондагӣ талош меварзад ва мехоҳад худро аз ғуломӣ дар андеша ва шеваи зиндагӣ озод кунад.

Худованд, ки фазлу карам аз ҷониби Ӯст, хост ин бедорӣ ба кишварҳои ғайрисломӣ низ бирасад. Зеро дар ин мамлакатҳо ҷамъиятҳои мусулмоне вуҷуд доштанд, ки аз илму фаъолиятҳо дур буданд, вале вақтҳои охир онҳо низ барои эҷоди фаъолиятҳои муназзам талош намуда истодаанд. Онҳо кӯшиш намуданд, то барои худ ҳайатҳои уламо дошта бошанд, ки дар масоили динӣ ва дунявӣ бароянд фатво содир кунанд. Инчунин талош намуданд, то муассисаҳое дошта бошанд, ки мушкилоти онҳоро ҳал карда тавонанд ва аз ҷониби онҳо дар ҷойҳое, ки зиндагӣ мекунанд, дар идораҳои расмӣ намояндагӣ карда, аз ҳуқуқи онҳо дифоъ намоянд. Ин худ як дастоварди бузург аст ва ин ҷамъиятҳои мусулмон дигар фаротар аз доираи донишҷӯёни машғули дарс, сайёҳони ҷаҳонгард ва муҳоҷирони дар талаби ризқу рӯзӣ мебошанд. Аммо ҳар қадар онҳо инсонҳои хуб, тавоно ва барои кори хайр омода бошанд ҳам, ин бедорӣ ҳанӯз кам аст ва ба дастгирӣ ва рушду нумӯ ниёз дорад.

БАЪЗЕ НАМУНАҲО

Ин намунаҳо бо ҳар шакле мувофиқи имконоту шароити ҳар минтақа арзи ҳастӣ намудаанд, аз ҷумла маркази исломӣ, масҷид, ширкат, муассисаҳои молӣ, лоиҳаҳои қарздиҳӣ барои фақирон, маҷалла, рӯзнома, фаъолиятҳои таълифу тарҷума ва нашр ва ғайра. Инчунин намояндаҳо аз ҷиҳатҳои гуногун барои даъват меоянд, гурӯҳе ба татбиқи шариат дар мамлакатҳои исломӣ даъват мекунанд ва гурӯҳи дигар барои озод кардани кишвари исломие аз чанги ишғолгарон талош меварзад ва ғайра.

Шакке нест, ки тамоми ин фаъолиятҳо хушҳолкунанда ҳастанд ва сазовори ташвиқ, роҳнамоӣ ва дастгирӣ мебошанд.

ОМИЛҲОИ ГУНОГУН

Ин бедорӣ маҳсули талошҳои гурӯҳӣ ва фардӣ, муназзам ва ғайримуназзам, расмӣ ва мардумӣ аст. Аммо пеш аз ҳама омили асосии он тақозои фитрати поки уммати исломӣ мебошад, ки ба рағбати он дар бозгашт ба сӯи аслу ҳақиқати худ далолат мекунад. Инчунин ин далели возеҳ ва ошкор бар ин аст, ки Худованд худ кафили ҳифзи ин дин аст.

Агар касе бихоҳад таърихи оғози намунаҳои бедориро ёбад, ёфтани санаи муайяни оғози он барояш мушкил мешавад, чунки решаҳои ин оғози муборак бисёр амиқ буда, гоҳе ошкор мешаванд ва гоҳи дигар пинҳон мемонанд ва ин талошҳо таърихи тулоние доранд, ки гоҳе зоҳир мегарданд ва гоҳи дигар ғоиб мемонанд.

Даъват амали давомдор аст, ки ҳамеша буд ва хоҳад монд ва ҳеҷ гоҳ бознамеистад. Бешак, гоҳе қавию заиф, бемору солим мешавад, вале бақои он як суннати илоҳист ва суннати илоҳӣ ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад ва тағйир намекунад.

ҚОНУНИ МУБОРИЗА

Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд:

> *“Ва агар Худо баъзе аз мардумро ба василаи баъзе дигар дафъ намекард, замин фасод мешуд, вале Худо бар ҷаҳониён фазлу карами хешро арзонӣ медорад”* ***(Бақара, 251).***

Аз лутфу карами Аллоҳ таоло ва адолаташ ин аст, ки тамоми қонунҳояшро ва аз ҷумла қонуни муборизаро чунон бетараф гузоштааст, ки ба кас ё гурӯҳи хоссе моил нест, касеро тарафдорӣ намекунад ва бо касе душманӣ ҳам надорад, балки новобаста аз дину оин бо ҳама якнавохт ва якранг муомила менамояд. Ҳар кӣ аз ин қонунҳо истифодаи дуруст намояд, комёб мешавад ва ҳар кӣ истифодаи дуруст накунад, ноком мегардад ва дар доираи ин қонун ҳама баробаранд. Аз фоидаҳои “Қонуни мубориза” ин аст, ки барои даъватгарон даричаи умедро боз намуда, фурсатро барояшон муҳайё мекунад ва зиндагиро аз бокӣ мондан дар як шакл ҳифз мекунад. Инчунин му-

сулмонро доимо ёдовар мешавад, ки ҳокимияти ҳақиқӣ бар болои коинот хосси Аллоҳ таолост ва ин бовар барои мусулмон эътимод ва оромии бештар мебахшад, таваккал ва ҳаракаташро қавитар намуда, қалбашро устувор мекунад.

Аз ҳикматҳои Аллоҳ таоло ин аст, ки дар вуҷуди шар хайрро ва дар вуҷуди хайр шарро нуҳуфтааст. Инчунин аз ҳикматҳои илоҳӣ ин аст, ки "Қонуни мубориза"-ро қонуни доимӣ гардондааст ва ҳар қудрате, ки дар рӯи замин вуҷуд дорад, бихоҳад ё нахоҳад дар як ҳаракати ҳамешагист ва дар мубориза қарор дорад. Гоҳе ба пеш меравад ва гоҳи дигар ба қафо ронда мешавад. Дар рафти ин ҳаракат фурсат барои хубу бад, мусулмон ва ғайри мусулмон дода мешавад, хоҳ некӣ кунанд, хоҳ бадӣ. Ин амр ба чигунагии бархӯрди онҳо бо ин фурсат вобаста аст. Яъне агар аз ин фурсат ба хубӣ истифода намуданд, комёбӣ насиби онҳост ва агар истифодаи хуб накарданд, пас нокомӣ.

ОЗОД ШУДАН ВА ОЗОД КАРДАН

Замоне ишғолгарон дар авҷи қуввату тавоноияшон қарор доштанд ва бар тамоми ҷаҳони Ислом ба ғайр аз Ҳиҷоз, Афғонистон ва бахше аз Яман салтанат пайдо намуда буданд. Дар он замон уммати исломӣ бо тамоми ҳастияш ба по хест ва тамоми талошашро намуда, худро аз дасти ишғолгарон озод кард. Аммо ҳоло аз ин уммат тақозо карда мешавад, ки фикри худро аз ишғоли фарҳангӣ озод намояд, чуноне, ки заминашро аз ишғоли аскарӣ озод намуд.

Ишғоли фарҳангӣ аз ишғоли аскарӣ хатарноктар аст, зеро аскар заминро ишғол мекунад ва мардум онро мешиносанд ва бад мебинанд ва бо он меҷанганд. Аммо ишғоли фарҳангӣ ақлро ишғол намуда, мардум онро намебинанд ва аз он ғофил мемонанд ё ҳатто онро дӯст медоранд. Ба ҳамин хотир масъулияти ин уммат барои озод кардани фикри худ аз ин ишғоли фарҳангӣ бузургтар аст. Ишғолгарони фарҳангӣ ҳамеша бо василаҳои нав ба нав ва услубҳои гуногун барои гумроҳ намудан даст ба кор мешаванд. Агар аз рӯи инсоф бингарем, воқеан ин уммат барои мубориза бо ҷанги фикрӣ корҳои зиёдеро анҷом додааст ва ба комёбиҳои назаррасе ноил гаштааст, вале бояд роҳашро идома диҳад ва то он ҷое талош намояд, ки ин ишғолгарии фарҳангӣ ба таври куллӣ аз байн биравад.

ШИКАСТИ СОЛИ 1967

Соли 1967 нуқтаи дигаргуншавӣ дар таърихи муосир ба шумор меравад. Шикасти арабҳо дар баробари Исроил як ларзаи маънавӣ, фикрӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва аскарӣ барои онҳо ба ҳисоб мерафт. Ин шикаст сабаби бад дидан ва ғазаби мардум бар роҳбарон ва низоми онҳо гашт. Низомҳои онвақтаи арабҳо бединӣ, комунистӣ, либералӣ, қавмӣ ва баъсӣ буданд. Мардум ин низомҳоро бад диданд ва дар паи ҷустуҷӯи ҷонишин барои онҳо шуданд ва дар натиҷа рӯ ба Ислом оварданд. Ҳеҷ чои тааҷҷуб набуд, зеро онҳо мусулмон буданд ва табиист, ки ҷомеаҳо низ монанди афрод ҳангоми сахтиҳо рӯ ба Аллоҳ меоранд.

Аз ин ҷо метавон гуфт, ки шикасти соли 1967 ба уммати исломӣ қудрати муборизаро ато намуд ва ба ҳамин хотир ин шикаст яке аз воқеаҳои таърихи ин уммат ба шумор меравад. Он чӣ, ки баъд аз шикасти соли 1967 ба ёди уммат меояд, ин аст, ки соли 1973 барои ҷуброни шикасташ ҳаракат кард ва соли 1989 давлати ишғолгари Шӯравиро аз Афғонистон берун ронд.

ФУРӮПОШИИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ

Бедории уммати исломӣ дар тамоми ҷаҳон идома пайдо кард ва дар пешрафтҳояш хатогиҳое ин ҷо ё он ҷо ва ё дар ин замону он замон аз тарафи гурӯҳҳои мухталифи даъватгар дида мешуд, вале ин хатогиҳо хубиҳои онро аз байн набурданд ва онро аз пешрафтан бознадоштанд. То ин ки соли 1991 ҳодисаи бузурге ба вуқуъ пайваст ва он ҳам шикаст ва фурӯпошии Иттиҳои Шуравӣ буд. Ин давлат бо дастони худи мардуми шуравӣ аз байн бурда шуд ва ба давлатҳои хурд тақсим шуд. Ҳамроҳи шикасти Шуравӣ ақидаи коммунистӣ ва бединие, ки низоми он бар он асос гузошта шуда буд, аз байн рафт. Ба сабаби ҳамин идеологияаш Шуравӣ бо тамоми динҳо ва махсусан бо дини Ислом мубориза мебурд. Баъд аз шикасти он як қувваи бузурге, ки мусулмонон аз дасти он дучори мушкил буданд, аз байн рафт ва фурсат барои даъват бештар гардид ва дар қаламрави ин низоми шикастхӯрда даъвати исломӣ паҳн гашта, барои худ ҷойҳои зиёдеро ноил гашт. Ин шикаст ҳам дар доираи ҳамон "Қонуни мубориза" дохил мешавад ва идораи тамоми умур барои ҳамеша дар дасти Аллоҳ таолост.

ДУ БУРҶИ НЮ-ЙОРК. 11.09.2001.

Баъд аз дах сол, ларзаи сеюм ба вуҷуд омад ва он ҳам фурӯ рехтани ду бурҷи тиҷоратии ҷаҳонӣ дар Ню-Йорк дар соли 2001 буд. Ин ду бурҷ фурӯ рехтанд ва дар бораи ин ҳуҷум шарҳу тафсирҳои зиёде ба миён омад ва шояд як муаммое аз муаммоҳои таърих боқӣ монад. Аммо баъд аз ин ҳодиса воқеаҳои дарднок монанди ишғоли Афғонистон ва Ироқ ба вуқуъ пайваст. Аз пайи он паёмадҳои пай дар пайи расонаӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, аскарӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омад, ки дини мубораки Исломро дар Амрико ва Аврупо мавриди баҳсу гуфтугӯи ҳама қарор дод. Ҳар кас, ки дар бораи Ислом мегуфт, танҳо бо бадбинӣ ё аз рӯи ҷаҳлу нодонӣ суҳбат мекарданд ва инсонҳои боинсонф бисёр кам буданд. Ин баҳсҳо бо тамоми он муҳтавои хайру шарраш дини Исломро мавриди аҳамияти бисёриҳо қарор дод ва ин худ як фурсати хубе барои даъватгарон буд, ки бояд тасвири Исломи воқеиро барои мардум нишон медоданд. Ин ҳам яке аз ҳикматҳои "Қонуни мубориза" мебошад ва бозгашти тамоми умур дар дасти Аллоҳ аст.

Гӯё Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло бо ҳикматаш ба василаи он ҳодисаҳое, ки зикр кардем, мехост тамоми заминро корам ва омодаи қабули динаш намуда, инсониятро аз гумроҳӣ ба сӯи ҳидоят ва аз бадбахтӣ ба сӯи саодатмандӣ бубарад.

ДАРКИ МУҲИМ ВА МАТЛУБ

Умати исломӣ бояд чанд чизро дарк кунад:

- Агар доиёни болаёқат ин фурсатҳои муносибро дуруст истифода накунанд, онҳо ба зудӣ аз байн хоҳанд рафт.
- Суннати Худовандӣ ин аст, ки уммати исломиро ба хотири динаш ҳеҷ гоҳ муфт ва безаҳмат нусрат намедиҳад.
- Бояд як гурӯҳе аз фарзандони зирак ва болаёқати ин уммат камари ҳиммат баста, рафти даъвати исломиро назорат намуда, хатогиҳои онро пеш аз воқеъ шудан ёдовар шаванд ва он хатогиҳоеро, ки содир шудаанд, ба хубӣ ислоҳ намоянд.
- Дар услуб ва василаҳои даъват навоварӣ намоянд, то даъвати исломӣ дар доираи сустиву беҳаракатӣ боқӣ намонад.

- Талош кунанд, то хатогиҳои равиши даъватро ислоҳ намуда, онро роҳнамоӣ кунанд.
- Доираи ҳамбастагиро байни доиён васеътар намуда, масоҳати ихтилофу дурангиҳоро тангтар намоянд.

МУШКИЛОТ ВА ХАТАРҲО

Бедории исломӣ дар як андозаи муайян ба вуҷуд омад ва мардум хушҳол гашта, бар асоси ин бедорӣ орзуҳои зебои худро бунёдгузорӣ намуданд.

Барои ин, ки ин тасвир дар назари мо комил шавад, бояд ёдовар шавем, ки ин намунаҳо ва нишонаҳои хубе, ки дар ҷаҳон намоён гаштаанд, бо хатарҳое иҳота шудаанд, ки роҳро барои пешрафт мушкил ва пурхатар мегардонанд:

- Мебинем, ки баъзе аз ин фаъолиятҳо бо дигараш мухолифат намуда, душманӣ меварзад ва алайҳи ҳамдигар нақша мекашанд, то ин ки дар натиҷа душманӣ бештар гашта, фитнаҳо барангехта мегарданд ва байни онҳо ҷудоӣ ба вуҷуд меояд. То андозае ин амр рушд менамояд, ки мардум фикр мекунанд, ки ин ихтилофот байни мусулмонон ба таври умум ва байни доиёни исломӣ ба таври хос як ихтилофоти доим ва дарди бедармон ҳастанд, ки ҳеҷ кас аз он наҷот намеёбад, магар касоне, ки Аллоҳ таоло бар онҳо раҳм кунад.
- Талошҳои холисонае анҷом мешаванд, ки баъзан аз ҳикмат дур ҳастанд, зеро баъзе доиён дар ҷое талош мекунанд, ки он ҷо зарурат нест ва ё аз пайи умури дуюмдараҷаи мамнӯъ мераванд, дар ҳоле, ки умури муҳимтари хуб дар дастараси онҳост.
- Илова бар ин бисёриҳое, ки дар майдони даъват фаъолият менамоянд, инсонҳои сода ва хушбоваре ҳастанд, ки баъзан ин хушбоварии онҳо ба дараҷаи ғофилӣ мерасад. Ин амр сабаб мешавад, ки душманон ба осонӣ дар байни онҳо даромада, онҳоро ба корҳои аҳмақона ва хатарноке водор намоянд, ки ҳам худашонро ва ҳам мардуму давлатҳоро зарар бирасонанд. Бо ин корҳояшон мардум онҳоро бад мебинанд ва бо ин амалҳое, ки бо номи Ислом анҷом медиҳанд, бад дида мешаванд ва мардумро аз Ислом метарсонанд. Шояд майдоне, ки аз ҳама бештар дар он зарба

хӯрдаанд, майдони сиёсат бошад. Онҳо дар ин майдон фидокориҳои зиёде мекунанд ва дар охир худи онҳо қурбонии ин фаъолиятҳо мегарданд ва ин корашон барои худ ва мардуму кишварҳояшон бисёр гарон меафтад.

САБАБҲОИ МУШКИЛОТ

Пайдо шудани ин мушкилот як сабаб не, балки якчанд сабаби печида ва гуногун дорад. Баъзеи онҳо мустақим ва баъзеи дигар ғайримустақим аст; баъзе аз рӯи содагӣ ва ғафлат ва баъзеи дигар аз рӯи саросемагӣ ва бефикрӣ; баъзе аз рӯи осон будани вуруди душманон ва баъзеи дигар аз рӯи даст доштани худиҳост. Инчунин ҷаҳлу нодонӣ ба суннат ва қонунҳои Худовандӣ, аз рӯи ҳавову ҳавас либоси дин ба тан кардани гурӯҳе барои ба даст овардани мақому курсӣ ва сабабҳои дигари мушкилот метавонанд вобаста ба фаҳму дарки мардум ва ё вобаста ба марҳалае бошанд, ки уммати исломӣ дар он қарор дорад. Ин марҳалаи хатарнокест, ки уммати исломӣ дар он қарор дорад ва мушкилот дар ин марҳала дучанд мебошанд ва таъсири худро дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ ва махсусан дар майдони даъват мегузоранд.

Модоме, ки натиҷаи ташхис чунин бошад, пас илоҷу табобати ин беморӣ наметавонад танҳо бо як шакл анҷом гирад, балки роҳҳо ва услубҳои гуногуне бояд вуҷуд дошта бошанд, ки дар паҳлӯи ҳамдигар қарор гирифта, якдигарро комил созанд.

ОҒОЗИ МУОЛИҶА

Роҳи ҳалле, ки бояд дар ҷои аввал қарор гирад, ислоҳ кардани қоидаҳои умумӣ барои фаъолони майдони даъвати исломӣ мебошад, зеро қоидаҳо тасаввури умумӣ, шаклҳои қарор қабул кардан, андешиндан ва асбоби фаъолияти инсонро устувор мегардонанд.

Як қоидаи умумӣ вуҷуд дорад, ки ҳама бар он иттифоқи назар доранд ва он чунин аст: “Фаҳми хато ба кирдори хато ва фаҳми дуруст ба роҳи дуруст мебарад”.

Ҳеҷ кас наметавонад даъво кунад, ки ислоҳи қоидаҳои умумӣ метавонад тамоми мушкилотро ҳал намояд, вале метавон гуфт, ки то андозае онро кам менамояд.

Уммати исломӣ зарурати сахт ба ислоҳ, роҳнамоӣ, насиҳат ва бозомӯзӣ дорад, вале ин ҳама корҳои башарӣ ҳастанд, ки метавонанд дуруст ва дар айни ҳол хато бошанд.

ТАҲДИДҲОИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ

Модоме, ки ин бедории исломӣ аз берун мавриди таҳдид қарор дошта бошад, пас аз дохил низ мавриди таҳдид қарор дорад, вале таҳдиди дохилӣ ҳамеша аз таҳдидҳои хориҷӣ хатарноктар буда ва ҳаст.

Агар таҳдидҳои хориҷӣ аз душманони Ислом бо василаҳои гуногун зарба бизананд, таҳдидҳои дохилӣ аз пайравони Ислом аз дохил бо фаҳми хато, дарки ғалат, саросемагӣ ва шитобе, ки бо табиат созгор нест, ва ё бо намунаҳои хаёлӣ ва ғайриҳақиқӣ зарба мезананд.

ЗАРУРАТ БА ИН ОИННОМА

Ин ҷост, ки зарурат ба омода ва тақдими оинномае барои касоне, ки дар майдони даъвати исломӣ кору фаъолият мекунанд, пайдо мешавад. Ин Оиннома қоидаҳои асосиеро дар бар мегирад, ки тамоми онҳо ва ё аксарашонро шомил мешавад. Ин Оиннома барои тамоми инсонҳои оқил ва ғаюр мафҳумҳои ҷиддӣ ва муштаракеро баён дошта, бо вуҷуди гуногунии андешаҳо фазои муштараки ҳамкориҳоро фароҳам месозад. Зеро мардум наметавонанд нусхаи ҳамдигар буда, байни худ ҳеҷ ихтилофе надошта бошанд. Дар ин кор метавон ҷумлаи “Гуногунӣ дар доираи ваҳдат” ё “Ихтилофи гуногунӣ, на ихтилофи душманӣ”-ро шиори худ кард.

Ба ҳамин хотир, аз рӯи масъулиятшиносӣ дар баробари ин амонат ва бо ҳадафи насиҳат, ислоҳ ва навоварӣ ин қоидаҳои асосиро пешкаш менамоем, ки фикр мекунам бо дарк ва истифодаи он уммати исломӣ ба пеш ҳаракат хоҳад кард ва ба тавфиқи илоҳӣ самараи худро бештар аз он, ки умед дорем, тақдим хоҳад кард.

АММО БАЪД

Мо умедворем, ки ин Оиннома ҳамчун нуре хоҳад буд, ки дар партави он даъватгарони исломӣ бо ихтиёри худ ва бо садоқату ша-

рофатмандӣ ҷамъ хоҳанд шуд. Ба ҳамин хотир ин Оинномаро “Оинномаи ахлоқии даъват” ном ниҳодем, то дар партави он ҳамбастагӣ, иродаи шарофатмандона, боварии комил ва қаноат ба мафҳумҳои он ҳосил гардад.

Инчунин умед дорем, ки ин Оиннома аз ҷониби даъватгарони болаёқат ва ғаюр мавриди баррасӣ ва нақд қарор гирифта, аз хубиҳояш истифода шавад ва хатогияҳояш ислоҳ гарданд ва инчунин барои илова намудан қоидаҳои наве пешниҳод карда шавад, то ҳар чопи нав аз собиқааш хубтар бошад.

Парвардигоро! Моро ба он чӣ, ки дар он ризои Туст, муваффақ намо ва аз мо дар корҳои хайр истифода кун, моро нияти холис ва дуруст насиб гардон. Бори Илоҳо, Турост ҳамду сано, то ин ки аз мо розӣ шавӣ ва Турост ҳамду сано, вақте аз мо розӣ шудӣ ва Турост ҳамду сано баъд аз он, ки аз мо розӣ шудӣ.

Бори Худоё! Бар Муҳаммад ва аҳли байту ёронаш дуруду салом бирасон.

Ҳишом Толиб

2009 м., 1430 ҳ.

НИГОҲЕ БА ОИННОМА

Бояд ёдовар шавем, ки ин қоидаҳо маҳсули талошу заҳматҳо, фикру андешаҳо, бозхонӣ ва таҳқиқ, муроқибати фаъолиятҳои динӣ ва баррасии хатогиҳо ва дурустии он буда, баъзеи он аввалин бор тартиб дода шудаанд ва баъзеи дигар бо мафҳуму алфоз аз ину он ҷо баргирифта шудаанд, то ба он қаноат ҳосил шавад.

ҲАДАФИ ОИННОМА

Ҳадаф аз ин Оиннома ҷамъоварии қоидаҳое мебошад, ки умедвор ҳастем ҳама бар он иттифоқи назар дошта, мавриди қабул ва эҳтироми ҳамагон қарор мегирад.

Агар бихоҳем ҳадафи ин Оинномаро дар як ҷумла баён дорем, метавон гуфт, ки он "дуруст кардани равиши даъват, муттаҳид сохтани пайравони он ва пешниҳодҳои нав барои рушди он" аст.

ИН ОИННОМА БАРОИ КИСТ?

Ин Оиннома тақдими ҳама мегардад, вале ба таври хусус барои доиён аст, зеро онҳо барои истифодаи он сазовортар буда, қодир ба ислоҳ ва илова карданаш мебошанд.

САМАРАИ ОИННОМА

Агар ин Оиннома ба ҳадафаш бирасад, самараи он бисёр хоҳад буд ва аз ҷумла фоидаҳои муҳимтарин инҳо мебошанд:

- Густариши рӯҳияи муҳаббату дӯстӣ байни доиён ва якҷо сохтани фаъолиятҳои мардумӣ ва расмӣ дар майдони даъват.
- Коҳиши сатҳи ихтилофот ва хатогиҳо ва афзоиши дараҷаи иттиҳод ва дурусткорӣ.
- Ташвиқи рӯҳия интиқодҳои созанда, густариши фазои андешаву таҳқиқ ва эҷоди фазои навоварию ташаббус.

- Ҳамкорӣ дар масоили иттифоқӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар масоили ихтилофӣ. Баромадан аз доираи сустӣ ва даромадан ба доираи фаъолият ва ҳаракат.

ҲАДАФҲОИ НЕК

Мо орзу дорем, ки ин Оиннома чунин сифатҳои зеринро дошта бошад:

- Оинномаи фаъолияти баргирифта шуда аз Қуръони ва Суннати поки Расулуллоҳ (с).
- Аз ифроту тафрит дур буда, равиши муътадилро интихоб намояд.
- Ҳомили афкори ягон ҳизби муайян, гурӯҳи хос, мадрасаи хосси даъват, иҷтиҳодоти фиқҳӣ, муносибатҳои минтақавӣ набуда, аз ҳеҷ кадоми онҳо намояндагӣ намекунад ва ҳеҷ кадоми онҳоро низ айб намегирад.
- Орзу дорад, ки ҳамчун дастурамали фикрӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ ва амалӣ барои даъватгарон гашта, “Оинномаи фозилон” бошад, ки бар он эътимод намоянд.
- Ин як иловаи хайр ва босифат аст, ки дар паҳлӯи дигар оинномаҳои ҳамшакли худ изофа мешавад.

ДАЪВАТИ ОИННОМА

Ин Оиннома ба сӯи арзишҳои зерин даъват мекунад:

- Исломе, ки ягона роҳи саъодатмандии мо дар дунё ва охират аст.
- Уммате, ки ба он нисбат дорем, ва бо ин нисбат доштан ифтихор менамоем.
- Фаъолият дар майдони даъват, ки шарофатмандтарин вазифа аст, зеро он вазифаи пайғамбарон аст.
- Ватане, ки дин, забон, таърих, бандагони Аллоҳ, гузашта, ҳозир ва ояндаро дар оғӯши худ гирифтааст.

- Даъватгарони оянда, ки камтар хато кунанд ва бештар дар роҳи дуруст бошанд.

СИФАТҲОИ ОИННОМА

Талош бар ин шудааст, ки ин Оиннома дақиқ, воқеъбин, пок, бетарафу шаффоф бошад ва услуби илмии муътадил, ахлоқи воло ва забони пок дошта бошад. Бо доштани сифатҳои зикршуда хонанда эҳсос намояд, ки дар умқи ин Оиннома ҳақиқат нуҳуфтааст ва аз касе намояндагӣ намекунад; рӯҳияи покест, ки фазои васеъ ва оғӯши боз дошта, хоҳиши хизмати содиқонаи фаъолиятҳои даъватиро дорад.

ФАСЛИ АВВАЛ

ИСЛОМЕ, КИ БА СӮИ ОН ДАЪВАТ МЕКУНЕМ

1. ТОЛЫҚҚАНДЫ ТАУХИД

Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд:

“Бигӯ: «Парвардигори ман маро ба роҳи рост ҳидоят кардааст, ба дине ҳамеша устувор, дини ҳанифи Иброҳим. Ва ӯ аз мушрикон набуд». Бигӯ: «Намози ману қурбонии ман ва зиндагии ману марги ман барои Худо — он Парвардигори ҷаҳониён аст. Ӯро шарике нест. Ба ман чунин амр шудаст ва ман аз нахустин мусалмононам» ***(Анъом 161-163).***

Мо имон дорем, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло офаридгор ва ҳокими мутлақи тамоми коинот аст. Танҳо Ӯ таоло сазовори ибодат буда, мавсуф ба тамоми сифатҳои бузургӣ, камол ва зебоӣ ва пок аз тамоми камбудиҳост. Аллоҳ субҳонаҳу ва таолоро дӯст дошта, ба ягонагӣ ва бузургияш имон дорем. Аз азобаш метарсем ва ба раҳматаш умед дорем.

Аз ҳамаи мусулмонон ба таври ом ва аз даъватгарон ба таври хос даъват менамоем, ки ба ақидаи исломӣ бар тамоми дигар умур авлавияти мутлақ дода, онро бо фаҳми дуруст, имон, эҳсос ва амал биомӯзанд. Ақида асоситарин ва бузургтарин асл дар тамоми масоили усулӣ ва фаръии дин мебошад. Ақида бо тамоми масоили динӣ ва ҳаётии мусулмон алоқа дорад.

Ақида як фасли китоб нест, ки онро мусулмон хонда, ба фасли дигараш бигузарад, балки фасли аввалест, ки мусулмон онро хонда, бо он зиндагӣ мекунад ва дар рафти ҳаёт боқии фаслҳоро мехонад.

Ақида ҳолати фикрӣ, руҳӣ ва амалиест, ки ҳамсафари мусулмон буда, тамоми зиндагиашро то дами марг идора мекунад ва баъд аз маргаш низ ҳамсафараш мебошад. Аз ҷумлаи талаботи ақида ин аст, ки мусулмон дар бораи ақидааш фаҳми дақиқ, амиқ ва шомил дошта бошад. Муҳимтарин усули ақида Худовандро ягона шинохтан ва танҳо Ӯро ибодат кардан буда, аҳкомашро дар зиндагӣ татбиқ намудан аст. Инчунин зарур аст, ки мусулмон шиканандаҳои ақидаро, ки инсонро аз дин ба таври ҷузъӣ ё куллӣ берун мекунанд, бидонад. Аз ҳама амри аҷиб ин аст, ки кӯдакон шиканандаҳои таҳо-

ратро медонанд, вале шиканандаҳои ақидаро ҳифз намекунанд. Бешак, ҳар дуяшро бояд бидонанд, вале ақида аз таҳорат фарқи бузург дорад.

Аз ҷиҳати дигар, ақида набояд ба шакли зоҳирӣ ва беруҳ омӯхта шавад, ба тавре, ки одамҳо фикр кунанд, ки ғайр аз онҳо каси дигаре муваҳҳид нест ва танҳо онҳо дар роҳи рост ва ҳидоятёфтагонанд ва дар вуҷуди онҳо кибру ғурур сироят намуда, ба дигарон бо чашми ҳақорат ва пастӣ нигоҳ кунанд.

Ба ҳақ будани ақида боварӣ доштан зарур ва муҳим аст, вале ин ақида бояд бо нармиву меҳрубонӣ ҳамроҳ бошад, зеро бо доштани чунин ақида метавонанд даъватгарони меҳрубону бомуҳаббат бошанд, на сангдилу бераҳм. Тавҳид дар зиндагӣ, ақл, руҳ ва рафтори онҳо таъсир расонда, самараи он дар ҳаёташон зоҳир мешавад.

Баъзе уламо шартҳои тавҳидро дар ҳафт ҷумла хулоса намудаанд: илме, ки ҷаҳлро аз байн барад; яқине, ки шакро аз байн барад; ихлосе, ки ширкро аз байн барад; садоқате, ки нифоқро аз байн барад; қабуле, ки радро аз байн барад; таслиме, ки тарки амалро аз байн барад ва муҳаббате, ки сахтдилию бемуҳаббатиро аз байн барад.

2. ДИНИ ТАВҲИД ВА ВАҲДАТ

Ислом дини тавҳид ва ваҳдат аст. Уммати исломӣ ба тавҳид ва яктоии Парвардигор имон дорад ва дар рӯи замин бо ваҳдату якпорачагӣ ҳаракат мекунад. Ба ҳамин хотир аз фаъолони исломӣ хоҳиш карда мешавад, ки бо фикр, эҳсос ва амал ба якпорчагӣ ва ваҳдати уммат даъват намоянд ва аз тафриқаву парокандагии фикрӣ ва амалӣ барҳазар бошанд. Ваҳдату якпорчагӣ қувват, раҳмат, баркат ва фаъолият буда, сабаби омадани нусрати Худовандӣ мегардад ва тафриқаву ҷудоӣ баръакси он аст.

Даъвати исломӣ дар баробари талошҳову заҳматҳое, ки барои уммати исломӣ намудааст ҳеҷ мукофоте аз ҷониби уммат ба даст намеорад ва ҳамин даъватгарон ҳастанд, ки ғаму мушкилоти умматро бар дӯш доранд. Ин амр ба чанд сабаб бармегардад ва дар муқаддимаи он тафриқаву ҷудоие қарор мегирад, ки даъвати исломӣ ба он мубтало гаштааст. Ин ихтилофот гоҳе ба дараҷаи бадбинию душманӣ бурда мерасонанд. Аз ҷумлаи умуре, ки дар ваҳдату якпорча-

гии уммати исломӣ кумак мекунад ва ё онро ба ин ҳадаф наздик мегардонад, ихлоси ният, интишори муҳаббату дӯстӣ ва тарки баҳсу мунозираҳо дар бораи масоили камаҳамияти ақида ва фиқҳ аст, ки гузаштагон дар он ихтилоф намуданд ва касоне, ки бар савоб расидинад, аҷру савоб гирафтанд, ва касоне, ки хато карданд, маъзур ҳастанд.

3. МУРОҶИА БА САРЧАШМАҲО

Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд:

“Ва чун хабаре, чӣ эминӣ ва чӣ тарс ба онҳо расад, онро дар ҳама ҷо фош мекунанд. Ва ҳол он ки агар дар он ба паёмбар ва пешвоёнашон руҷӯъ мекарданд, ҳақиқати корро аз онон дармеёфтанд. Ва агар фазлу раҳмати Худо набуд, ҷуз акдаке ҳамагон ба шайтон пайравӣ мекардед” (Нисо, 83).

Ба хотири ин, ки мо барои ҳамаи мардум хайрро мехоҳем ва мукаллаф ҳастем, ки мардумро ба сӯи хайр даъват кунем, онҳоро даъват мекунем, ки биёянд ва сарчашмаҳои аслии ин хайрро бо қалби кушод, мунсифона ва бо ин бовар биншносанд, ки дар он ҳидоятро баъд аз гумроҳӣ, ҳақро баъд аз ботил, амниятро баъд аз хатар, оромиро баъд аз хавф ва офиятро баъд аз бало хоҳанд ёфт ва метавонанд барои тамоми мушкилоташон роҳҳои ҳал ва барои тамоми саволҳояшон ҷавоб пайдо намоянд.

4. ИСЛОМ ДИНИ АЛЛОҲ ВА ШОМИЛ АСТ

Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд:

“Ва ҳар кас, ки дине ҷуз ислом ихтиёр кунад, аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёндидагон хоҳад буд” ***(Оли Имрон, 85).***

Мо имон ва яқин дорем, ки Ислом дини Аллоҳ таоло аст; дине, ки ҷовидон, ҳифзшуда, дуруст ва охирини динҳост ва ин дин барои мо масъалаи асосӣ, ҳувият, роҳи ҳал, гузашта, ҳозир ва оянда буда, ягона роҳи расидан ба саодату хушбахтии мо дар дунё ва охират аст.

Ин дин барномаи зиндагии мост, ки онро Аллоҳ таоло барои мо интихоб намудааст. Мо ба он имон дорем, ба он мефахрем, дар роҳаш ҷиҳод мекунем ва тамоми ҳаситамонро барояш фидо менамоем.

Ислом охирин дини Худованд барои башарият аст. Ба ҳамин хотир барномаи шомил буда, тамоми умури зиндагии инсон, ҷомеа ва давлатро ба танзим медарорад. Ин дин давлат, қонун, ибодат, иқтисод, ахлоқ, саломатӣ, муносибатҳои оилавӣ, робитаҳои иҷтимоӣ, алоқаҳои байналмилалӣ ва ғайра мебошад. Ин дин ҳамсафари инсон дар зиндагӣ, марг ва зинда шудани баъд аз маргаш мебошад.

Ба ҳамин хотир даъватгарон бояд бештарин диққати худро рӯи мафҳуми шумулияти Ислом бигардонанд, бо Ислом ифтихор намоянд ва иҷозат надиҳанд, ки дини мубораки Исломро дар доираи умури ибодатӣ маҳдуд намоянд. Аз ҳамин ҷиҳат лозим аст, ки ба усул ва куллиёт бештар аҳамият диҳанд ва дар масоили фаръӣ ва ҷузъиёти дин ғарқи баҳсу мунозираҳо нашаванд. Вале агар лозим шуд, ки ба масъалаи ҷузъӣ пардохта шавад, онро дар ҷои муносиб, ба шакли муносиб ва дар ҳаҷми худаш баён намоянд.

5. ШУМУЛИЯТИ МАЪНОИ ИБОДАТ

Ҳадафи офариниши инсон бандагӣ ба Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло аст. Худованд мефармояд:

“Ҷинну инсро фақат ва фақат барои парастиши Худ офаридаам” ***(Зориёт, 56).***

Ин мафҳуми шомили ибодат инсонро водор месозад, то Аллоҳ таолоро бештар итоат намуда, аз иртиботаш бо Ӯ бештар хушҳол гардад ва ба бандагонаш бештар фоида расонад. Мутаассифона назди баъзеҳо ин мафҳум танҳо дар доираи умури ибодот маҳдуд гашта, танҳо ҳамин умурро ибодат медонанду бас. Сазовор аст ёдовар шавем, ки тақсими истилоҳие, ки дар фарҳанги исломӣ вуҷуд дорад ва мафҳуми ибодатро ба се гурӯҳи ақида, ибодот ва муомилот тақсим мекунад, танҳо як тақсими илмиест, ки дар асоси заруриёти таҳқиқоти илмӣ ба вуҷуд омадаанд. Ин тақсими илмӣ назди баъзеҳо мафҳуми ибодатро танҳо доираи умури ибодот маҳдуд намудааст ва чунин фикр хато аст. Ҳамин фаҳми нодуруст ин мафҳумро интишор дод ва

аз ҷиҳати дигар мафҳуми ибодатро дар умури ибодӣ назар ба дигар умур бештар сохт. Мо бовар дорем, ки мафҳуми ибодат он мафҳуми васеъ ва шомилест, ки салафи солеҳ бар он эътиқод доштанд. Тамоми мусулмононро даъват менамоем, ки нисбати ибодат бо мафҳуми шомиле, ки дарбаргирандаи ақида, сиёсат, ибодот, муомалот, обод сохтани замин, таблиғи дин, истифода бурдан аз ҳалол, истироҳат, сифатнокии кор, эҳсон ва ғайра мебошад, имон дошта бошанд.

6. БАРОДАРИИ ИСЛОМӢ

Бародарии исломӣ яке аз арзишҳои бузурги дини мубораки Ислом ва яке пояҳои асосии қоидаҳои даъват ба сӯи дин ба шумор меравад. Интишор ёфтани бародарии исломӣ ризои Худоро дар осмон ва нусраташро дар рӯи замин ба вуҷуд меорад ва аз байн рафтани бародарии исломӣ ғазаби Аллоҳ таолоро дар осмон ва хориву зориро дар рӯи замин ба бор меорад. Доиён бояд дар майдони назарӣ ва фикрӣ ва инчунин дар майдони амал ба ин бародарӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд ва ҳар касеро, ки бо он мухолифат мекунад, аз паёмадҳои бади он огоҳ кунанд. Устувор гаштани бародарӣ дар байни даъватгарон муҳаббат, раҳмат, нусрату дастгирӣ буда, хушхабарест, ки ба нусрати Худованд далолат менамояд. Аммо набудани бародарӣ, баръакс, бадбинию сангдилӣ, худписандию худхоҳиро ба вуҷуд оварда, сабаби хориву зиллат мебошад.

7. МУСУЛМОНИ ПУРЗӮР

Мо бояд барои тарбияи мусулмони пурзӯр ва тавоно талош кунем, зеро чуноне дар ҳадис омадааст “Мусулмони пурзӯр назди Аллоҳ таоло беҳтар ва маҳбубтар аз мусулмони нимҷон аст”. Чуноне, ки ақида бо яқин, имон бо устуворӣ, ахлоқ бо росткорӣ, ақл бо дарк пурзӯр ва тавоно мегарданд, ҷисмҳо бо қуввату тавоноӣ қавӣ ва қудратманд мегарданд. Ба ҳамин хотир мо бояд ба баданҳоямон аҳамияти ҷиддӣ дода, онро бо тозагӣ, хӯроки хуб, варзиш ва ғайра тақвият бахшем ва аз ҳар чизе, ки онро заиф ва нотавон мекунад, монанди сигор, шароб ва ғайра, ҳифз намоем. Дар ин амр фоидаҳои бисёре вуҷуд дорад, аз ҷумла ин, ки агар ҷисми инсон қавӣ ва тавоно бошад, бардошти сахтиҳои даъватро дошта, бо ҳиммату иродаи қавӣ онро бардошт карда метавонад.

8. ҲАЗАР АЗ ДИНДОРИИ НОДУРУСТ

Диндории дуруст доштани ақли бедор ва қалби солим аст ва чунин шахс байни мардум намунаи маҳбубе мебошад, ки сазовори иқтидо ва пайравӣ аст. Вақте мо ба диндории дуруст даъват мекунем, дар айни ҳол аз диндории нодуруст барҳазар медорем, чунки агар инсон дар асоси ваҳму хаёл ва манфиатҳои шахсӣ амал кунад, дар байни мардум ба бадӣ машҳур гашта, сабаби ба вуҷуд омадани нафрату бадбинии мардум нисбати дин мегардад.

Чунин диндорӣ дар гузашта ва ҳол ҳам яке аз сабабҳои дингурезии мардум буда, таъсири бади он аз таъсири гуноҳони касоне, ки ҳеҷ дахле ба дин надоранд, бештар аст.

Аз нишонаҳои диндории хато ва нопок аҳамияти ҷиддӣ ба зоҳир ва тарки ботин, аҳамият ба навофил бештар аз фароиз ва бартарии манфиатҳои шахсӣ бар манфиатҳои омма аст.

Инчунин аз нишонаҳои диндории хато ин аст, ки чунин ашхос тамоми корҳои ғалат ва олудаи худро либоси динӣ пӯшонда, дар пайи ба даст овардани мақоме ҳастанд, ки сазовори он нестанд ва ҳамеша талош мекунанд, то аз мақому мартабаи касоне, ки бо заҳмату хизмат дар байни ҷомеа обрӯманд гаштаанд, бикоҳанд.

9. ТОАТҲО ВА ГУНОҲОН

Қалб монанди ҷисми инсон тоату ибодат дорад ва дар айни ҳол гуноҳу маъсият низ дорад. Амалҳои қалб ҳамеша бар амалҳои ҷисм муқаддам мебошанд, зеро тамоми амалҳои инсон аз қалб вобаста аст. Қалб гавҳари инсон аст ва ҳамон қалб аст, ки инсонро ба итоаат ё маъсият водор менамояд.

Аз гуноҳони қалб наҷот ёфтан назар ба гуноҳони ҷисм душвортар аст ва инчунин бо қалб тоату ибодат кардан душвортар мебошад.

Мусулмон бояд талош кунад, то аз гуноҳони қалбӣ ва ҷисмӣ парҳез намуда, тоату ибодатҳоро бо қалбу ҷисм якҷо анҷом диҳад, то зоҳираш бо ботинаш ва сирataш бо қалбаш ва амалаш бо нияташ ҳамранг бошанд.

ФАСЛИ ДУЮМ

МАСОИЛИ ИСЛОМӢ

10. ОИЛА ДАР ИСЛОМ

Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло мефармояд:

“Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонаводаи худро аз оташе, ки ҳезуми он мардум ва сангҳо ҳастанд, нигаҳ доред” ***(Таҳрим, 6).***

Издивоҷ байни марду зан ягона роҳи шаръӣ барои бунёди оила мебошад. Хонавода аввалин ва муҳимтарин макони тарбия буда, пояи асосии уммати исломӣ аст. Хонавода тарбиятгоҳи табиӣ ва фитрии атфол ва наврасон буда, масъулияти идора ва роҳбарии он бар дӯши падару модар қарор дорад. Ба ҳамин хотир даъват менамоем, то хонавода ҳимоя шуда, мақомаш баланд бардошта шавад ва тамоми шароити лозим барои комёбии он муҳайё карда шавад. Бо тамоми тавоноиҳоямон дар баробари тамоми он талошҳое, ки аз тарафи душманон барои аз байн бурдан ва ё беарзиш кардани хонавода анҷом мешаванд, меистем ва намегузорем ба мақсад бирасанд.

11. МАҚОМИ ЗАН ДАР ИСЛОМ

Зани мусулмон аз ду ҷониб мавриди зулму ситам қарор мегирад. Аввал, аз ҷониби секуляристҳои тундрав, ки мехоҳанд зани мусулмонро аз дину оин ва фарҳанги исломиаш берун карда, ба фасод бикашанд. Дуюм, аз ҷониби диндорони тундраве, ки мехоҳанд ҳуқуқи зани мусулмонро маҳдуд намуда, нақши ӯро дар ҳаёт аз байн бубаранд. Ин гурӯҳ агарчи бо нияти хайр ин корро анҷом диҳанд, боз ҳам кораш нодуруст аст. Бисёриҳо ба зан бо нигоҳи шакку шубҳа ва ҳақорат менигаранд ва мафҳуми он сарвариеро, ки мард болои зан дорад, нодуруст дарк кардаанд. Сабаби ин фаҳми хато ҷоҳил мондан аз ҳуқуқ ва шахсияти зан дар Ислом ва ғолиб гаштани одатҳо ва расму русумест, ки бо гузашти солҳо ҷамъ гашта, либоси динӣ бар худ пӯшидаанд, дар ҳоле, ки дин аз он безор аст.

Мусулмонон ва махсусан даъватгарон бояд ба зан бовар кунанд ва бо инсоф бо вай бархӯрд намуда, роҳро барои расидан ба мақоми худаш дар ҷомеа ва махсусан дар роҳи даъват фароҳам намоянд. Дар ин амр манфиатҳои бисёре вуҷуд дорад, ки муҳимтарини он муҳаққақ

гаштани адолати иҷтимоӣ мебошад ва адолат худ яке аз арзишҳои исломӣ аст. Инчунин яке аз манфиатҳои дигари ин амр истифода кардан аз тавоноиҳои зан дар роҳи даъват ва махсусан дар доираҳоест, ки метавонад бар мардон бартарӣ ёбад. Бо роҳи озодӣ додан ба зан дар фаъолиятҳои динӣ дар чорчӯбаи шариат, метавон роҳро бар рӯи ашхоси кинатӯзе, ки даъво мекунанд, ки зан дар Ислом зери зулм қарор дорад ва мехоҳанд ӯро аз ин зулм берун кунанд, баст. Ислом занро озодии одилона дода, ҳуқуқ, шарофат, фитрат, истиқлолият ва хусусияташро ҳимоя намудааст ва ӯро нисфи ҷомеа, баробари мард ва созандаи наслҳои оянда гардондааст.

12. ОЗОДӢ ДАР ИСЛОМ

Даъватгарон ба озодие такя намоянд, ки дар чорчӯбаи қонунҳои давлатӣ бошанд. Аммо озодиҳои бе қайду шарт озодӣ нест, балки ҳамоқат аст. Дини мо барои озодӣ арзиш қоил шудааст ва иҷборро дар динро манъ намудааст. Аз ҷумлаи ифтихороти мо ин сухани халифаи рашид Умари Форуқ (р) мебошад, ки мефармоянд: “Аз кай боз мардумро ба ғуломӣ гирифтаед, дар ҳоле, ки аз модарон озод ба дунё омадаанд?!”

Вақте озодиҳои даъват ва ғайри он бо ҳам дар як майдон қарор мегиранд, озодиҳои даъвати динӣ дар ҷои аввал меистанд, зеро мардумро ба ҳақ даъват мекунанд ва шояд аз масоили диниашон дар дилҳои онҳо чизе ҷойгузин гардад, бар хилофи дигар даъватҳо, ки онҳо мардумро ба ботил ва умуре, ки мардум аз он нафрат доранд, даъват менамоянд.

13. ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ИСЛОМ

“Эй мардум, мо шуморо аз як марду як зан биёфаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед. Албатта, гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Худо донову кордон аст!” ***(Ҳуҷурот, 13).***

Мо бовар дорем, ки дини мубораки Ислом аввалин эълони ҷаҳонӣ дар бораи ҳуқуқи инсон аст. Ислом динест, ки барои инсон

тамоми ҳуқуқро аз қабили озодии ақида, шарофати инсонӣ, таълим, издивоҷ, амният, ризқу рӯзӣ, адолат, моликият ва ғайра фароҳам меорад. Ҳадафи Ислом аз ҳамаи инҳо боло бурдани мақоми инсон мебошад, зеро дини мубораки Ислом инсонро беҳтарини махлуқот, ҷониши Худованд дар рӯи замин ҳисобидааст. Худованд тамоми он чиро, ки дар рӯи замин офаридааст, дар хидмати инсон қарор додааст.

14. БАРОДАРИИ ИНСОНӢ ДАР ИСЛОМ

Мо бовар дорем, ки тамоми башарият як хонавода аст, ки онро бародарии инсонӣ канори ҳам ҷамъ мекунад, зеро падари онҳо ҳазрати Одам (а) ва модарашон Ҳавво (а) буда, аз хок офарида шудаанд ва дубора ба сӯи хок бармегарданд. Ба ҳамин хотир тамоми мусулмонон ва ғайри мусулмононро ба ҳамкорӣ дар тамоми он чӣ, ки ба фоиади ҳама бошад, даъват мекунем. Ин ҳамкорӣ барои ноил шудан ба сулҳ, озодӣ, барпо доштани адолат, мубориза бо ҷиноятқорӣ, нашри илм, риояи ҳуқуқи атфол, хизмати калонсолон, некӣ ба ҳамсоя, ҳимояи табиат, эҳтиром ба аҳду паймонҳо ва ғайра мебошад. Бузургтарин шоҳиди ин андеша он чизест, ки дар охирин хутбаи Расулуллоҳ (с) дар Ҳаҷҷи видоъ омадааст: “Эй мардум, Парвардигори шумо яктост, падари шумо як кас аст, тамоми шумо фарзандони Одам ҳастед ва Одам аз хок офарида шудааст. Беҳтарини шумо назди Аллоҳ таоло бо тақвотарини шумост. Ҳеҷ араб бар аҷам бартарӣ надорад, магар ба тақво” (Муслим).

15. ДУ МАНСУБИЯТЕ, КИ ҲАМДИГАРРО КОМИЛ МЕСОЗАНД

Даъватгарон ҳар куҷое, ки бошанд, бояд барои ҳимоят, амният, дастовардҳо, табиат ва ояндаи наслҳои он сарзамин талош намоянд. Мансуб будан ба сарзамин ё қавм ва алоқаи инсон бо динаш ду чиз комилкунандаи якдигар мебошанд ва ҳеҷ гуна зидият ва танокуз бо ҳам надоранд.

ФАСЛИ СЕЮМ

АЛОҚАИ БАЙНИ ДОИЁНИ ИНФИРОДӢ ВА МУАССИСАВӢ

16. ТАКОМУЛИ ФАЪОЛИЯТҲОИ ДАЪВАТӢ

Мақсади аслии ҳамкорӣ байни муаасисаҳои исломӣ такомул аст. Агар эҷоди чунин алоқа номумкин бошад, пас бояд байни онҳо ҳамдилӣ бошад, вале агар он ҳам номумкин бошад, пас эҳтиром ва муошират бояд бошад, аммо дараҷаи чоруми он ҳалокат аст.

17. ЭҲТИРОМИ ТАХАССУС

Аз уламо масоили шариатро ва аз аҳли таҷриба масоили зиндагиро бипурсем. Шояд шахсе дар майдони даъват муваффақ ва машҳур бошад, вале аҳли фатво набошад ё олими бузурге бошад, ки битавонад фатво диҳад, вале натавонад дар умури идорӣ кор кунад ва ин амр ба тамоми масоили дунявӣ низ дахл дорад.

18. ДАЪВАТГАР ВА БЕҲТАРИН ФУРСАТ

Даъватгар бояд беҳтарин фурсатро аз назари замонӣ, маконӣ ва масъулиятшиносӣ интихоб намояд, то кораш хубтар ва муфидтар бошад. Дар мавзӯи интихоб хуб мешавад аз аҳли илму таҷриба маслиҳат бипурсад, то нохоста кореро мутобиқи ҳавову ҳаваси нафсаш интихоб накунад.

Дар аҳодиси шариф омадааст, ки Расулуллоҳ (с) баъзе асҳобашро бо сифатҳои хосси онҳо васф намудааст. Дар «Саҳеҳ»-и Муслим омадааст, ки Расулуллоҳ (с) фармуд: “Қуръонро аз чаҳор нафар биомӯзед: Ибни Умми Абд (Абдуллоҳ ибни Масъуд), Муъоз ибни Ҷабал, Убай ибни Каъб ва Солим мавлои Абу Ҳузайфа (р)”. Дар бораи Холид ибни Валид (р) Расулуллоҳ (с) фармуд: “Холид ибни Валид беҳтарин бандаи Аллоҳ ва шамшере аз шамшерҳои Худост” (Тирмизӣ). Инчунин фармуд: “Абубакр меҳрубонтарини уммати ман барои умматам, Умар сахтгиртарини онҳо дар бораи амрҳои Худованд, Усмон боҳаётарини онҳо, Муъоз ибни Ҷабал олимтарини онҳо ба масъалаи ҳалолу ҳаром, Зайд ибни Собит олимтарини онҳо ба масоили мерос ва Убай ибни Қаъб аз ҳама хубтар дар қироати Қуръон аст ва ҳар умматеро амонатдорест ва амонатдори ин уммат Абу Убайда ибни Ҷарроҳ аст” (Тирмизӣ).

Аз ин аҳодис фаҳмида мешавад, ки тамоми ин саҳобагон бузург ҳастанд, вале ҳар кадомашон дар баъзе нуқтаҳо аз дигарон бартарӣ доранд.

19. РОҲИ МУШТАРАК

Номумкин аст, ки даъватгарон дар аҳдоф, василаҳо ва авлавиёт бо ҳамдигар монанд бошанд ва табиист, ки байни онҳо ихтилофот вуҷуд дорад, хоҳ бузург бошанд, хоҳ хурд. Агар инсон бо диққат бингарад, мебинад, ки байни онҳо нуқтаҳои муштарак дар ақида, ибодот, ахлоқ ва муомилот бисёр аст, вале гарду ғубори душманиҳову хусуматҳо тамоми ин нуқтаҳои муштаракро пӯшондааст. Зеро масоили ихтилофӣ ҳамеша даҳ баробари худро зарба мезананд ва дар назар бисёр зиёд намоён мешаванд, вале масоили иттифоқӣ ба даҳ ҳисса ҷудо шуда, бисёр кам намоён мешавад. Ба ҳамин хотир бо итминон метавон гуфт,ки байни даъватгарон масоили муштарак ва роҳи ягонае вуҷуд дорад, ки метавонад онҳоро бо ҳам ҷамъ кунад. Ҳамаи доиён бояд ин васоили муштаракро бишносанд ва онро рушд дода, бо сабру таҳаммул дар ҳамин самт бо ҳам фаъолият намоянд, то ин ки дар ин роҳ теъдоди бисёртаре ҳамқадам шуда тавонанд.

20. ҲАМФИКРӢ

Аз ҷумлаи сабабҳои парокандагӣ байни доиён набудани ҳамфикрӣ аст. Ин амрест, ки дар гузашта ва ҳанӯз ҳам сабаби ихтилофот дар ҳадафҳо, василаҳо ва авлавиёт гашта, нафрату бадбинӣ ва кинатӯзиро ба вуҷуд меорад.

Ба ҳамин хотир бояд масъалаи ҳамфикриро байни даъватгарон ва махсусн ҷавонон ба таври ҷиддӣ мадди назар қарор дод.

Бо нашри фарҳанги исломие, ки бар асоси Қуръону суннат, рӯҳияи миёнаравӣ, ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, бародарӣ, адолат, фиқҳи авлавиёт, гуфтмон, фарҳанги ихтилоф бунёд ёфтааст ва инчунин бо дарки ин ки Ислом дини шомил ва ҷавобгӯи ҳар давру замон мебошад, ин ҳамфикриро ба вуҷуд оварда мешавад.

Аз ҷумлаи сабабҳое, ки ба эҷоди ин ҳамфикрӣ кумак мекунад, интихоби китобҳое мебошад, ки бо ин рӯҳия ҳамнаво бошанд ва дастраси ҷавонон гарданд. Дар фосилаи як чанд вақт нисбати ин кито-

бҳо тағдиди назар карда шавад ҳамчуноне, ки дар барномаҳои дарсии мактабҳо аз тарафи вазоратҳои таълиму тарбия анҷом меёбад.

21. ГУРӮҲЕ АЗ МУСУЛМОНОН

Мо бовар дорем, ки ҳар гурӯҳе ва ё ҳизбе намояндаи гурӯҳи худ буда, гурӯҳе аз мусулмонон ба шумор меравад ва аз ҳамаи мусулмонон намояндагӣ намекунад. Арзиши ҳар кадоми онҳо вобаста ба андозаи дурустии афкору андешаҳо ва дастовардҳои онҳо мебошад.

22. РАСМӢ ВА МАРДУМӢ

Фаъолиятҳои исломии расмӣ фаъолиятҳое мебошанд, ки ниҳодҳои расмии тобеи ҳукумат онро анҷом медиҳанд ва аммо фаъолиятҳои мардумӣ фаъолиятҳое ҳастанд, ки ниҳодҳои мадание ба анҷом мерасонанд, ки тобеи ҳукумат нестанд.

Одат бар ин шудааст, ки байни ин ду тараф ҳамеша бадгумонӣ, айбҷӯӣ, туҳмат ва душманӣ вуҷуд дорад. Дар оғоз мо бояд ду чизро ёдовар шавем:

Якум ин, ки наметавон ин гурӯҳҳоро бехато номид ва ё комилан нодуруст донист, балки ҳар кадоми онҳо дар худ хубӣ ва камбудиҳо доранд.

Дуюм ин, ки баъзан фаъолиятҳои ин муассисаҳо тағйир мекунанд ва бинобар ин имкон дорад, ки муассисаҳои расмӣ мардумӣ шаванд ё, баръакс, мардумӣ расмӣ гарданд.

Аз ин муассисаҳо хоста мешавад, ки бо ҳикмат ва ихлос фаъолият намоянд, то байнашон робитаҳои дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, боварӣ ва ҳамфикрӣ эҷод гардад. Зеро даъват масъулияти ҳама аст ва агар ин ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ ба вуҷуд биёяд, барои муассисаҳои расмӣ ва мардумӣ фоидаҳои бузургеро ба армуғон меорад. Вале агар ин робитаҳои дӯстӣ эҷод нашаванд, хатарҳои зиёдеро ба дунбол доранд.

Ин масъала як амри осон ва саҳл нест, вале дар айни ҳол номумкин нест ва чун аҳамияти бузург дорад, пас талоши бузургро низ талаб мекунад.

23. ФАЪОЛИЯТҲОИ МУАССИСАВӢ

Мо фаъолиятҳои ҷамъиятии муназзамеро, ки ахлоқи исломӣ ва лоиҳаву барномаҳои онро риоя мекунанд қабул дорем, чунки яқин дорем, ки фаъолиятҳои муассисавӣ барои уммати исломӣ назар ба фаъолиятҳои инфиродӣ муфид ва давомноктар мебошанд, ҳарчанд дар ҳар ду хайр вуҷуд дорад. Инчунин бовар дорем, ки фаъолиятҳои муассисавӣ барои бозхонӣ, ислоҳ ва навоварӣ назар ба фаъолиятҳои инфиродӣ тавонотар мебошанд. Инсонҳо аз байн мераванд, вале баъд аз онҳо фаъолиятҳои муассисавӣ идома хоҳанд дошт.

24. РӮҲИЯИ ГУРӮҲ

Мо талош мекунем, ки рӯҳияи гурӯҳӣ ва мафҳуми фаъолияти муштарак байни касоне, ки дар роҳи даъват фаъолият мекунанд, мустаҳкам гардад. Аз ҷумлаи василаҳое, ки ин робитаро қавӣ мегардонад, эҳтироми собиқадорон ва устувор намудани ҳамкорӣ байни наслҳо мебошад. Аз ҳикмати бузургон ва ҳаракати ҷавонон истифода намуда, манфиатҳои оммаро бар манфиатҳои хусусӣ бартарӣ медиҳем. Бо бояд дар интихоби роҳҳо ва услубҳои хуби фаъолиятҳоямон иттифоқ намоем, то битавонем дарвозаи ихтилофотро қабл аз вуқуашон бубандем. Вале агар ин ихтилофот пайдо шуданд, бояд битавонем онро ба хубӣ рафъ созем. Инчунин талош намоем, то адолатҳои молӣ ва роҳбариро байни доиён барқарор намоем.

25. ШӮРО

Аллоҳ таоло мефармояд:

“Ва корашон бо машварат байнашон анҷом мегирад” ***(Шӯро, 38).***

Ва инчунин мефармояд:

“Ва дар корҳо бо онҳо машварат кун” ***(Оли Имрон, 159).***

Мо ба шӯро ва машварат даъват намуда, ба андешидан, навоварӣ ва эҳтироми назарҳои мухолифин ва мувофиқин ташвиқ мекунем ва ба ҳама ҳаққи андешидан ва баёни назарҳояшонро медиҳем, то дар

поён ҳама ба як қарор биёянд ва набояд ин қарор бо усул ва қоидаҳои асосӣ ва равшани шариат мухолифат дошта бошад.

Агар бихоҳем қарори қабулшуда комилан дуруст ва ё ҳадди ақал ба ҳақ наздиктар бошад, пас бояд аз роҳи шӯро қабул шавад. Ин амр тақозо мекунад, ки тамоми маълумот барои шӯро ба таври дуруст ва комил дастрас шаванд ва рафти шӯро бояд содиқона, ҳадафманд ва боамонат бошад.

26. ТАҒЙИРИ ДӮСТОНАИ ВАЗИФА

Даъватгарон бояд барои худ усулу ва қоидаҳоеро ҳакимона тарҳрезӣ намоянд, то битавонанд дар муассисаҳои худ бар асоси онҳо, вазифаҳо ва мансабҳои худро дӯстона ва бо ризояти ҳамдигар тағйир диҳанд. Бо гузоштани чунин қоидаҳо ва риояи он метавонанд ба меросӣ шудани мансабҳо мамониат кунанд ва тафриқаву фитнаҳоро дур карда, нотавониву қафомониро аз байн баранд ва фурсатро барои навоварию эҷодкорӣ боз гузоранд. Инчунин ин қоидаҳо майдони ҳамкориро байни наслҳо васеътар мегардонад ва барои тарбияи теъдоди бештари кадрҳое, ки тавони роҳбариро дошта бошанд, кумак намуда, рӯҳияи ҳамкории гурӯҳиро амиқтар менамояд ва бар эҳтироми муассисавӣ ва гурӯҳӣ таъкид менамояд.

27. РИОЯИ ХУСУСИЯТҲО

Мо бояд доиён, уламо ва ислоҳкорони собиқадор ва муосирро дӯст дорем, эҳтиром намоем, дар ҳаққашон дуои хайр намуда, ба онҳо иқтидо намоем. Вале дуруст нест онҳоро муқаддас бидонем ва аз тамоми таҷрибаҳои онҳо чуноне, ки ҳаст, пайравӣ намоем, балки аз он истифода намуда, хусусиятҳои худамонро бо дар назар гирифтани шароити замону макон риоя намоем. Мисли онҳо кӯшиш намоем ва чуноне, ки онҳо шароитро дар назар гирифта амал кардаанд, мо низ чунин кунем.

28. ЭҲТИРОМ, НА МУҚАДДАСНАМОЙ

Ин як амри табиӣ, хуб ва зарур аст, ки мусулмон шайх, устод ё имоми масҷидашро дӯст дорад ва эҳтиром намояд. Аммо набояд ин

муҳаббат аз ҳадди эътидоли худ берун равад. Зеро пайравони динҳои гузашта замоне гумроҳ шуданд, ки дар муҳаббати пайғамбарон ва солеҳони худ азҳадгузарӣ карда, онҳоро дар ҳадди Худо бурда расонданд, то ҷое, ки аз тавҳиду яктопарасӣ берун гашта, мушрик шуданд. Яке аз бемориҳои хатарноке, ки байни мусулмонони оддӣ ва даъватгарон шоеъ шудааст, вобастагии онҳо ба шайхҳову устодонашон аст. Ин вобастагӣ аз ҳадди лозими худ берун гашта, бузургонро меъёру тарозу барои шинохти ҳаққу ботил медонанд, гӯё онҳо маъсуманд. Ин қоидаро фаромӯш кардаанд, ки гуфта шудааст: “Мардонро бо меъёри ҳақ мешиносем, на ҳақро бо меъёри мардон”.

Ин азҳадгузарӣ дар муҳаббати солеҳон дар гузашта ва ҳанӯз ҳам сабаби бадбинию кинатӯзӣ байни баъзе гурӯҳҳои даъватгар буда ва ҳаст.

Роҳи ҳал ин аст, ки мардум бузургони худро дар ҳадди эътидол ва миёна дӯст дорад ва бо ин дидгоҳ ба онҳо бингарад, ки онҳо одаманд ва андешаҳояшон метавонанд ҳам дуруст ва ҳам нодуруст бошанд. Онҳо ва дастовардҳояшон ба қадри ҳақ будан сазовори эҳтирому муҳаббат мебошанд. Мусулмон толиби ҳақ аст ва устоду шайх василаест барои расидан ба ҳақ, аммо худи ҳақ ҳадафи аслӣ аст. Василаҳо аз байн мераванд, аммо ҳадаф, ки ҳамон ҳақ аст, боқӣ мемонад.

29. МАРҲАБО БА ДИГАРОН

Арзишҳои мо мулки мо нестанд, балки мо мулки онҳоем. Пас набояд бо дидани талошҳои дигарон дар асоси ин арзишҳо дилтанг ва нороҳат шавем. Балки бояд бо дидани талошҳои онҳо дар роҳи дин хушҳол шавем, зеро дар охир тамоми талошҳои мову онҳо бо ҳам дар хизмати даъвати исломӣ якҷо мешаванд. Мо бояд онҳоро дӯст дорем, талошҳои онҳоро қадр намуда, насиҳаташон намоем ва бо онҳо ба қадри имкон ҳамкорӣ кунем. Инчунин бояд аз талошҳои дигарон, агарчи кам ё бо хато ҳам бошанд, истифода намоем. Хатогиҳои мухолифони некамонро маъзур донем ва ба ин қоидаи машҳур, ки онро Шайх Муҳаммад Рашид Ризо гуфтаанд, такя намоем: “Дар он умуре, ки бо ҳам иттифоқи назар дорем, ҳамкорӣ мекунем, аммо дар он умуре, ки бо ҳам ихтилофи назар дорем, узри ҳамдигарро қабул менамоем”.

30. ДУРУСТКОРИРО ИНҲИСОР НАМЕКУНЕМ

Бо сароҳат эълон мекунем, ки дурустӣ ва ҳақиқат танҳо назди мо нест ва дигаронро низ аз даъвои ин, ки танҳо роҳи дуруст ва саҳеҳ назди онҳост, барҳазар медорем. Мо ба ҳадафҳо ва василаҳои интихоб намудаамон бовар дорем, вале даъвои комил ва бехато буданро надорем ва ҳар кӣ хатогиҳоямонро ба мо бигӯяд ва раҳнамоиямон кунад, қабул мекунем ва барои ин кораш аз ӯ ташаккур мекунем ва инчунин ҳадафҳо ва василаҳои дигаронро эҳтиром менамоем.

Мо бояд ниятҳоямонро барои Худованд холис бигардонем, роҳи дурустро ҷустуҷӯ намуда, бо шуҷоати комил аз пайи навоварӣ бошем ва чун аз мо хатое сар зад, онро эътироф намоем, вале чун аз дигарон кори дурусте зоҳир шуд, бо тамоми хушҳолӣ онро бипазирем.

Мо бояд ба омӯзиши таҷрибаҳои ҳамдигар даъват намоем, зеро ин масъала барои ғанӣ сохтани маълумоти доӣ ва ҷомеа бисёр муҳим ва зарур аст ва бо омӯхтани тарҷрибаи ҳамдигар хазинаи таҷрибаи даъватгарон бой мегардад. Ҳеҷ касе нест ва нахоҳад буд, ки ба насиҳат ва роҳнамоӣ эҳтиёҷ надошта бошад ва касе нест, ки тамоми хубиҳо назди ӯ бошанд ва хатогиҳо назди дигарон.

ФАСЛИ ЧОРУМ

ПЕШРАФТ ВА ТАРБИЯ ДАР ФАЪОЛИЯТҲОИ ДАЪВАТӢ

31. ТАЪЙИНИ ҲАДАФҲО

Ҳамаи фаъолиятҳои даъватӣ ҳадафҳои худро доранд, ки барои расидан ба он талош мешавад. Пас мушаххас кардани ин ҳадафҳо масъалаи бисёр муҳим ва зарур мебошад. Ҳар як даъватгар дар рафти фаъолиятҳои худ бояд ҳадафҳои худро бо диққати комил мушаххас намояд, ҳадафашро бинависад ва ба сиҳҳат, возеҳ ва зарур будани он ва имкони иҷро шудани ҳар ҷумла ва ҳатто ҳар як калимаи он диққати ҷиддӣ диҳад. Ҳар кӣ байни орзуҳои зебо ва имконоти мавҷуд фарқ гузошта наметавонад, имкони шикасташ бештар аз муваффақияташ хоҳад буд ва шояд оқибаташ ҳалокат бошад. Вақте, ки одамҳо хато мекунанд, мусибат бузург аст, вале чун хатогӣ аз гурӯҳ ва ҷамоат сар мезанад, мусибаташ дучанд мегардад.

Яке аз камбудиҳое, ки дар фаъолиятҳои динӣ вуҷуд дорад ин аст, ки пайравони он медонанд, ки чиро намехоҳанд, вале ба таври муайян намедонанд, ки чӣ мехоҳанд. Вақте даъватгарон барои худ ҳадафҳои нодуруст ва ё ҳадафҳои дурусти номумкинро интихоб мекунанд, дар он ҳолат худашонро ғам медиҳанд, зеро онҳо дар пайи сароб медаванд ва ниятҳои холиси онҳо барояшон ҳеҷ фоидае нахоҳанд дошт. Нияти холис нисфи кор аст ва нисфи дигараш доштани ҳадафи дуруст аст.

Доиён бояд ба таври возеҳ ва равшан бидонанд, ки онҳо "кӣ ҳастанд?" ва "чӣ мехоҳанд?" ва дар асоси ҳамин ду савол барои худ барномарезӣ намуда, ҳадафҳояшонро муайян намоянд. Бо виҷдони худ рост ва содиқ бошанд ва бо онҳое, ки даъваташонро қабул менамоянд, содиқона бархӯрд намоянд.

32. БА СӮИ ОЯНДА

Замона бо амри Парвардигор дар ҳаракати ҳамешагӣ буда, ҳеҷгоҳ таваққуф намекунад. Имрӯз фарзанди дирӯз ва падари фардо аст. Ба ҳамин хотир даъватгарон бояд аз гузашта ибрат гирифта, бо ҳозирашон ба некӣ бархӯрд намоянд, барои оянда омода шаванд, ба қадри тавоноӣ ба василаҳо чанг зананд ва натиҷаи корро ба Парвардигори василаҳо бо имону таваккал вогузор намоем.

Ояндабинӣ ва доштани барнома вазифаи даъватгарон буда, нишонаи росткорӣ ва сабаби комёбӣ аст. Пас агар ин қоидаро риоя кардаанд, кори хубе кардаанд, вале агар онро анҷом надодаанд, ба сустӣ ва заъфу нотавоноии худ эътироф намудаанд ва баъд аз гузашти замоне хабаре аз ахбор гашта, гузашти рӯзҳо сафҳаи онҳоро барои ҳамеша мепӯшад.

Ислом дини ояндабин аст ва ин амрро дар бисёри таълимоташ метавон ёфт. Аз ҷумла Ислом моро даъват мекунад, ки ҳамеша Худовандро назоратгари ҳоли худ бидонем ва барои фардои қиёмат омода бошем, зеро ояндаи ҳақиқии мо он ҷост. Ҳамаи мо қиссаи ҳазрати Юсуфро (а) медонем, ки чӣ гуна бо барномаи ҳакимонаи худ Мисрро аз қаҳтию гуруснагӣ наҷот дод. Пайғамбари мо ҳазрати Муҳаммад (с) низ ҳамеша ва дар тамоми корҳояш барои оянда нақша мекашид. Ин ояндабиниро дар ин амалҳояш метавонем ба хубӣ бубинем: ҳиҷрат ба сӯи Ҳабаша; ҳиҷрат ба сӯи Мадинаи Мунаввара; паймоне, ки бо яҳудиён баст; лашкаркашиҳо ва ҷангҳое, ки сарварӣ намуд; паёмҳое, ки ба подшоҳон фиристод; дар назар гирифтани масоили дохилӣ ва ҷаҳонӣ; муайян намудани шумораи мусулмонон дар Мадинаи Мунавара ва ғайра, ки сирати муборакашон аз чунин таҷрибаҳо пур аст.

33. НАВОВАРИИ БОҲИКМАТ

Мо бовар дорем, ки навоварӣ ҳамеша бояд вуҷуд дошта бошад, вале усулу қоидаҳои асосӣ дар ҷои худ собит бимонанд, зеро мо метавонем бо ин корамон байни умури маваҷуди хуб ва умури нави муфид ҷамъ намоем. Инчунин метавонем бо асри нав ва масоили он иртибот барқарор намоем ва ин амр сабаб мешавад, ки мо дар хоби ғафлат ва нотавониву гушанишинӣ намемонем.

Сазовор аст, ки фаъолони исломӣ ҳамеша дар бораи арзишҳо, барномаҳо, шиорҳо ва роҳбарони худ бо дар назар гирифтани хатогиҳову дурусткорӣ, нотавониҳову тавоноиҳо, имконоту мушкилот, дигаргуниҳои маҳалливу ҷаҳонӣ бозомӯзӣ намоянд. Баъзе чизҳоро ҷо ба ҷо гузорӣ намуда, баъзе чизҳои дигарро каму зам намоянд. Хуб аст, ки хатоҳояшонро дар байни мардум эълон намоянд, то дигарон дар оянда ба ин хатогиҳо роҳ надиҳанд ва дар пайи ҷустуҷӯи роҳҳои наве барои фаъолиятҳояшон бошанд. Пас агар аз уҳдаи ин кор баро-

маданд, дар ҳақиқат зиндаву тавоно ҳастанд ва метавонанд идома диҳанд ва ин хабари хубе аст. Ва агар чунин карда натавонистанд, пас дар доираи заъфу нотавонӣ ва беҳаракатӣ қарор доранд ва ин амр паёмадҳои баде бо худ хоҳад дошт.

34. ХУДКИФОӢ

Мо ба худкифоӣ ва эҷоди имконоти хусусӣ даъват мекунем, зеро хайрия ва садақот сарчашмаи ҳамешагӣ ва пойдор нестанд. Беҳтарин роҳ барои худкифоӣ таъсиси муассисаҳои вақфӣ мебошад, ки бояд мувофиқи имконот ва шароит таъсис дода шаванд.

35. НАМУНАИ ШОИСТА

Сазовор аст ҳар як муассисае, ки дар роҳи даъват фаъолият мекунад, бо принсипҳо, барномаҳо, нақшаи корӣ ва одобу ахлоқи коргаронашон намунаи хубе барои фаъолиятҳои даъватии ҳакимона ва комёб бошад. Чунон амалкарде дошта бошанд, ки чун дигарон онҳоро диданд, аз онҳо хушашон ояд ва аз онҳо пайравӣ намоянд.

36. МАҚОМЕ, КИ НАБОЯД ТАЛАБ КАРДА ШАВАД

Даъват дар зиндагии мусулмон бузургтарин ва бофазилаттарин вазифа мебошад, зеро вазифаи пайғамбарон (а) аст.

Одатан агар шахсе дар роҳи даъват бошад, мавриди эҳтироми мардум қарор мегирад ва мақоми хоссеро ноил мешавад. Асосан касе, ки дар роҳи даъват аст, набояд ҳадафи аслиашро расидан ба мақому мартаба бидонад, балки бояд тамоми талошашро холисона барои ризои Аллоҳ таоло намояд. Вале агар ба чунин мақому мартаба ноил гашт ва мардум ӯро дӯст доштанд ва эҳтиром намуданд, пас Худовандро шукргузорӣ намуда, бо мардум бо муҳаббату эҳтиром ва хоксорӣ рафтор намуда, дастнигари онҳо нашавад.

Ин фазилат масъулият аст, на мақому мартаба; бори вазнин аст, на роҳату зебоӣ ва ҷавобагарӣ аст, на эҳтироми мардум.

Ҷои ёдоварист, ки дастнигар набудан ва ё хоксорӣ маънои онро надорад, ки инсон ба таври куллӣ аз вазифаву мансаб даст бикашад, зеро ин амр бо ҳадафе, ки Худованд инсонро барои ҷонишинӣ ва

ободонӣ офаридааст, мухолифат мекунад. Метавонем барои ин амр Ҳазрати Юсуфро (а) мисол биёрем. Зеро ҳазрати Юсуф (а) бо қабули ин вазифа тавонист бо адолат, ахлоқи хуб ва ислоҳот барои мардуми Миср хизмати бузург намояд.

Шахси болаёқат метавонад бо тавоноиҳояш ба уммат ва тамоми башарият хизмат намояд. Аммо барои қабули ин амал назди Худованд холис будани нияти инсон шарт аст. Расулуллоҳ (с) мефармоянд: "Тамоми амалҳо вобаста ба ният ҳастанд ва қабули амалҳои ҳар як шахс вобаста ба нияташ аст. Ҳар касе бо нияти ба даст овардани ризои Худо ва пайравӣ аз Расулуллоҳ (с) ҳиҷрат карда бошад, пас ҳиҷрати ӯ барои Худованд ва пайравӣ аз Расулуллоҳ (с) ҳисобида мешавад. Ва ҳар касе бо нияти дунё ё издивоҷ бо зане ҳиҷрат карда бошад, пас ҳиҷраташ барои ҳамонест, ки ирода кардааст" (Бухорӣ).

37. РОҲБАР КАРДАНИ БЕҲТАРИН

Сазовор аст, ки роҳбар баъд аз имтиҳону санҷишҳои ҷиддӣ аз байни беҳтаринҳо барои роҳбарии фаъолиятҳои даъватӣ интихоб карда шавад.

Мутаассифона дар бисёри бахшҳои фаъолиятҳои исломӣ ин масъала ба таври ҷиддӣ риоя намешавад. Зеро шахсеро ба хотири хушсухан будан, дар ҷомеа обрӯ доштан ё ба хотири дӯстони бисёр доштанаш роҳбар интихоб мекунанд.

Афзалият барои роҳбарӣ бо дар назар гирифтани меъёрҳои бузург ва муҳим шинохта мешавад, ки асоситарин ва муҳимтарини он шариат, собиқадорӣ дар хизмати уммати исломӣ, тақво, илм ва лаёқат мебошанд, вале интихоби навъи вазифа вобаста ба худи ин шахсҳост.

38. УҲДАДОРИИ ҲАТМӢ

Тамоми бахшҳои фаъолиятҳои исломӣ бояд бо усул, барномаҳо, нақшаҳо, ахлоқи роҳбарон ва пайравонашон, садоқат ва ҷиддияташон намунаи хуб ва комёб бошанд, то дигарон бо дидани ин хубиҳояшон онҳоро эҳтиром намуда, намунаи худ қарор диҳанд. Аммо агар ҳадди ақали ин сифатҳоро дар худ надошта бошанд, зарари он аз фоидаашон бештар хоҳад буд ва набуданашон беҳтар аз буданашон аст.

Фаъолиятҳои даъватие, ки ба ахлоқи дине, ки барои хизмати он ба по хестаанд, пойбандии комил надошта бошанд ва бо барнома амал накунанд, барои ҷомеа як бори вазнин буда, ҳамчун бомбаҳои соатие мебошанд, ки ҳар лаҳза таркиданашон мумкин аст ва дар натиҷа мусибати бузург ва шармандагиро ба бор хоҳанд овард.

Даъватгарон бояд бидонанд, ки намунаи хуб бузургтарин, муҳимтарин ва комёбтарин василаи даъват мебошад. Даъватгарони исломӣ дини муборак исломро бо василаҳои гуногун, ки дар раъси он намунаи хуб қарор дорад, интишор додаанд. Пас пеш аз ҳама ва дар қадами аввал бояд дар байни мардум намунаи хубе барои он чӣ, ки ба он даъват мекунанд, бошанд.

39. НАРГИСИҲО ВА ЛАҲЗАИ ҶУДОӢ

Дар қиссаҳои Юнони қадим омадааст, ки ҷавони зебое, ки номаш Наркис будааст, ба ҳавзи оби софе менигарад ва дар он сурати зебои худро мебинад ва шефтаи сурати худ гашта, то он даме ба он нигоҳ мекунад, ки он ҷо мемирад ва дар он об гули наргис мерӯяд. Аз ҳамин ҷо истилоҳи "наргисӣ" паҳн гаштааст ва ин истилоҳ ба шефта шудани инсон ба худаш далолат мекунад, ки гоҳе ба худкушӣ бурда мерасонад.

Дар фаъолиятҳои даъвати исломӣ низ одамҳои "наргисӣ" пайдо шудаанд, ки новобаста аз имконоту истеъдодҳояи чунин ашхос майдони даъват бояд аз онҳо пок шавад.

Чунин ашхос инсонҳои комилан бад нестанд, балки дар ҳастии онҳо хайру хубӣ вуҷуд дорад, вале онҳо дар он фаъолиятҳои исломие хизмат мекунанд, ки бо хостаҳои нафсониашон мухолифат надошта бошанд. Дар он нуқтае, ки бо хостаҳои нафсониашон бархӯрд пайдо шавад, аз ҳамон ҷо ҷудо мегарданд ва шояд душманони сарсахте гарданд. Албатта лаҳзаи ҷудоӣ бо чунин ашхос ҳатман хоҳад расид, зеро онҳо бандагони нафсҳои худ мебошанд. Онҳо бомбҳои соатӣ буда, даромаданашон ба майдони даъвати исломӣ хатои бузургест ва хатарноктар аз ин хатогии касонест, ки ба онҳо иҷозати даромадан ба ин корро додаанд.

40. РӮҲИЯИ МУСБАТ

Мо даъват менамоем, ки рӯи масоили мусбат, умедворӣ, хушхабарӣ ва осонӣ тамаркуз шуда, аз умури манфӣ, ноумедӣ, нафратоварӣ ва сахтгириҳо дурӣ шавад.

41. ДОИРАҲОИ ТАЪСИР ВА АҲАМИЯТ

Барои мусулмон дар зиндагиаш ду доира вуҷуд дорад.

Доираи аввал доираи таъсир аст. Яъне он чиро, ки дар тавонаш аст, анҷом медиҳад ва талош мекунад ба худ ва дигарон фоида расонад. Масалан, аҳамият ба саломатияш, хизмати дӯстону наздикон, роҳнамоии атрофиён, беҳтар кардани истеъдодҳояш, хизмати хонаводааш, донистани қонунҳои кишвараш ва ё қонунҳои вобаста ба кору фаъолиятҳояш ва ғайра.

Доира дуюм доираи аҳамият аст. Ҳадафи ин доира мутолиаи ҳодисаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳониест, ки наметавонад бар он таъсири худро расонад, монанди нархи нефт, тағйири обу ҳаво, олудагӣ, гуруснагӣ ва ғайра.

Мусулмони оқил бояд бештарин аҳамияти худро ба доираи аввал диҳад, зеро метавонад бар он таъсир гузорад ва ин асоси вазифаҳои шаръияш мебошад.

Барои доираи дуюм дар ҳадди ақал вақт сарф кунад ва камтар аҳамият диҳад ва ҳамин қадар бидонад, ки дар атрофаш чӣ мегузарад, кифоя мекунад.

Аммо агар аҳамияташро ба доираи дуюм бештар созад, дар он ҳолат худро машғули кори беҳуда карда, талошу вақту асабашро дар он чизе сарф мекунад, ки ӯро ғамгин месозад ва наметавонад коре анҷом диҳад. Дар натиҷа, дар гирдоби андуҳу ғам меафтад ва шояд гӯшанишин гашта, аз он миқдори фаъолияте, ки дар тавонаш аст, бозистад. Барои заъфу нотавониҳояш баҳонаҷӯӣ намуда, тамоми он чиро, ки бар сараш омадааст, аз тақдир бидонад. Чӣ зебост ин қавли ҳакимона, ки мефармояд: “Инсонҳои комёб дар эҷоди роҳҳои ҳал ва инсонҳои номуваффақ дар эҷоди баҳонаҳо маҳорат доранд”.

42. МАСЪУЛИЯТИ БАШАРИЯТ

Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло ҳифзи динашро бар дӯши худ гирифтааст, вале ҳикмати илоҳӣ бар он рафтааст, ки масъулияти ин амри бузургро бар уҳдаи мусулмонон вогузор намояд, яъне онҳоро василаи ҳифзи дин қарор додааст. Бо вуҷуди ҳақ будани ин дин, ҳимояи он ба дасти башар гузошта шудааст. Мо медонем, ки чӣ қадар фидокориҳои зиёде аз тарафи пайғамбарон, ҳавориҳо, саҳобагон ва касоне, ки дар роҳи онҳо рафтаанд, барои нусрати ин дин анҷом шудааст. Пас мо бояд ба онҳо иқтидо намоем ва бар роҳи онҳо биравем.

43. МАСЪУЛИЯТ ДАР БАРОБАРИ НОКОМИҲО

Бисёри даъватгарон бар ин назаранд, ки мо аз оқибати талошҳоямон дар роҳи даъват масъул ва ҷавобгар нестем. Барои дарки ин масъала бояд қоидаҳое вуҷуд дошта бошанд, ки масъул будан ё набудани онҳоро муайян намоянд. Агар чунин нашавад ва ин кор чуноне, ки ҳаст, боқӣ бимонад, хатари бузургеро дар пеш хоҳем дошт, ки камтарини он аз байн рафтани муҳосиба ва баробар донистани некукор бо хатокор мебошад.

Агар доиён ниятҳояшонро барои ризои Худованд холис намоянд, роҳи дурустро ҷустуҷӯ намуда, тамоми талошҳояшонро анҷом диҳанд, дар сурати комёб шудан аз онҳо сипосгузорӣ карда мешавад ва дар сурати ноком шудан маъзур ҳастанд. Аммо агар яке аз се шарти дар боло зикршударо ва ё бештар аз якеро тарк намуданд ва дар натиҷа ноком шуданд, дар он ҳолат аз натиҷаи корашон масъул ва ҷавобгар мебошанд.

44. АҲАМИЯТИ МУҲОСИБА

Қонуни муҳосиба яке аз принсипҳои асосии дини мубораки Ислом ва услуби волои мутамаддин мебошад. Ба ҳамин хотир мо бояд ин амрро ҳамеша ва бардавом бо сароҳат ва ошкор намудани хатоҳо, интиқод, баррасии доимӣ ва ислоҳ анҷом диҳем, то умури мусбатро пайдо намуда, ҳифз намоем ва рушд диҳем ва масоили манфиро ёфта, худро аз он халос кунем, зеро тамоми амалҳои башарӣ аз камбудӣ ва хубиҳо холӣ намебошанд.

ФАСЛИ ПАНҶУМ

ФИҚҲИ ДАЪВАТ

45. ФИҚҲИ ИҶТИҲОДИ ГУРӮҲӢ

Мо имони комил дорем ва ҳамеша таъкид мекунем, ки дини мубораки Ислом барои ҳар асру замон ва ҳар наслу макон ҷавобгӯ буда, барои тамоми мушкилоти ҷомеа роҳҳои ҳалро доро мебошад. Ба ҳамин хотир аз тамоми олимон ва донишмандони ҷаҳони Ислом хоҳиш мекунем, ки иҷтиҳод намуда, барои ҳалли масъалаҳо ва мушкилоти ҷомеа роҳҳои ҳал пайдо кунанд ва онҳоро ба иҷтиҳоди гурӯҳӣ даъват менамоем, то гурӯҳҳо ва ҳайатҳои уламо ташкил шаванд ва якҷоя масъалаҳои навпайдоро ҳал намоянд.

Академияи таҳқиқоти исломии Донишгоҳи ал-Азҳар, Академияи фиқҳи исломии Лигаи ҷаҳонии Ислом, Академияи фиқҳи исломӣ дар Хуртум, Маҷлиси аврупоии фатво ва таҳқиқот ва Маҷлиси фиқҳи исломӣ дар Амрикои Шимолӣ намунаҳои иҷтиҳоди гурӯҳӣ мебошанд. Мо бовар дорем, ки таъсиси чунин ҳайатҳои илмӣ қадаме бисёр муҳим дар роҳи расидан ба ҳадаф мебошад ва умед дорем, ки ин муассисаҳо дар оянда бо ҳамдигар ҳамкории зич менамоянд, зеро ин ҳамкорӣ ҳаҷми фоидаро дучанд мегардонад ва инчунин умед дорем, ки имконоти фаннӣ ва тахассусӣ ва таҷрибаашонро комилтар месозанд, то корҳояшон натиҷаи беҳтар ва бештар бидиҳанд.

46. ФИҚҲИ ИХТИЛОФ

Дини мубораки Ислом ба ваҳдат ва якпорчагӣ арзиши волоеро қоил аст ва ба он ташвиқ намуда, аз тафриқаву парокандагӣ ҳазар менамояд. Дар айни ҳол ба он танаввуъ ва гуногуние, ки дар вуҷуди башарият нуҳуфтааст ва сабаби эҷоди ихтилофот мегардад, иқрор дорад, зеро ин ихтилофот суннате аз суннатҳои худовандист.

Ихтилоф бар ду навъ тақсим мешавад: фоидаовар ва зараовар.

Ифтилофи фоидаовар ихтилофи назар ва андешаҳост. Ин навъи ихтилоф таҷрибаи башариро ғанӣ мегардонад ва чуноне, ки ҳикмати илоҳӣ тақозо намудааст, бо табиати инсон созгорӣ дорад. Худованд ончуноне, ки инсонҳоро дар хислат, ранг, андоза ва шаклу сурат гуногун офаридааст, ҳамчунин онҳоро дар ақл, фаҳм ва тарзи тафаккур гуногун ва мухталиф халқ кардааст.

Аммо ихтилофи зараровар ихтилофи қалбҳост, ки оятҳо ва ҳадисҳо ба ҳаром ва мамнуъ будани он далолат мекунанд. Худованд мефармояд:

“Ва ҳамагон даст дар ресмони Худо чанг занед ва пароканда нашавед ва аз неъмате, ки Худо бар шумо арзонӣ доштааст, ёд кунед: он ҳангом, ки душмани якдигар будед ва Ӯ дилҳоятонро ба ҳам меҳрубон сохт ва ба лутфи Ӯ бародар шудед. Ва бар лаби чоҳе аз оташ будед, Худо шуморо аз он бираҳонид. Худо оёти худро барои шумо инчунин баён мекунад, шояд ҳидоят ёбед”
(Оли Имрон, 103).

Ихтилофи фоидаовар ихтилофи гуногунандешӣ аст ва он монанди равшан кардани шамъҳо мебошад, ки ҳар чанд шамъи бештар равшан карда шавад, ҳамон қадар рӯшноӣ бештар мегардад ва яке дигарашро хомӯш намекунанд.

Аммо ихтилофи зараровар ихтилофи зиддиятҳост, ки оқибаташ низоъ ва душманӣ буда, ҳамдигарро заиф ва нотавон мегардонанд ва қуввату тавоноиҳояшонро аз байн мебарад.

Бояд ёдовар шавем, ки дар дини мубораки Ислом минтақаи мамнуъае вуҷуд дорад, ки расидани пои ихтилофот ба он номумкин аст, яъне масоиле вуҷуд дорад, ки дар он ихтилоф ба таври куллӣ ҷоиз нест. Ин усул ва аркони дин мебошанд, ки шахсият, руҳия, рисолат, якпорчагии эътиқодӣ ва ахлоқии уммати исломиро ҳифз мекунанд. Инҳо масоили зерин ҳастанд: Ақида, ибодот, ахлоқ ва аҳкоми қатъии дини мубораки Ислом.

Ин амр моро водор месозад, ки фиқҳи ихтилофпазириро биомӯзем ва барои дигарон низ ҳаққи ихтилоф намудан бо худамонро бидиҳем, ба шарти ин ки ихтилофот дар чорчӯбаи шариат буда, дар усули дин набошанд. Аз ҷумлаи ин ихтилофот метавонанд ихтилофи дидгоҳҳо дар бораи василаҳо ва услубҳои қобили танаввуъ ва тағйир мутобиқи шароити замону макон бошанд.

47. ФИҚҲИ ПАЙРАВӢ АЗ МАЗҲАБ

Мазҳабҳои фиқҳӣ ва махсусан чаҳор мазҳаби фиқҳие, ки мусулмонон аз онҳо пайравӣ мекунанд, мероси боарзиш ва сарвати ғание

мебошанд, ки онро уламо рӯи кор оварда, асрҳо онҳоро рушд додаанд ва ин мазҳабҳои фиқҳӣ аз ифтихороти уммати исломӣ мебошанд.

Мусулмон ҳақ дорад, ки мазҳаберо, ки барои худаш муносиб медонад, интихоб намояд, ба қадри тавоноияш аз далелҳои мазҳабаш бохабар гардад ва дар айни ҳол интихоби дигаронро эҳтиром намояд. Аммо ҳар гоҳ зарурат ба гуфтумон бо пайравони дигар мазҳабҳо пеш омад, бо онҳо бо адабу эҳтиром гуфтугӯ кунад, дар ҷустуҷӯи ҳақиқат бошад ва бо ёфтани ҳақ хушҳол гардад, хоҳ ҳақ бо ӯ бошад, хоҳ бо мухолифаш.

Дар ин мазҳабҳо дурустиву камбудӣ ва афзалияту хубӣ вуҷуд дорад, ки уламои бузург метавонанд ин фарқиятҳоро муайян намоянд.

Таассуби мазҳабӣ бисёр зараровар аст, вале айбҷӯии мазҳабҳо ва даъвати оммаи мардум ба тарки мазҳаб ва гирифтани масоили шариат мустақиман аз Қуръону суннат зараровартар мебошад. Нобуд кардани мазҳабҳо амалан як масъалаи номумкин аст. Онҳое, ки барои аз байн бурдани мазҳабҳо талош мекунанд, худашон дар атрофи масоили фиқҳӣ ва иҷтиҳодие ҷамъ шудаанд, ки онро аз шайхҳои худ гирифтаанд ва хоста ё нохоста мазҳаби нави фиқҳии дигареро ташкил кардаанд ва дар он чизе воқеъ шудаанд, ки аз он интиқод менамуданд.

48. ФИҚҲИ МАҚСАДҲО

Доиён бояд фиқҳи мақсадҳои матнҳои шаръиро ба таври дуруст ва амиқ биомӯзанд ва барои онҳо ҷоиз нест, ки бар зоҳири матнҳои шаръӣ такя намуда, аз мақсадҳо ва асрору ҳикматҳое, ки дар он нуҳуфтааст, бехабар бимонанд. Албатта ин маънои онро надорад, ки матнҳои шаръӣ нодида гирифта шаванд ё аз аҳкоми шаръӣ дурӣ ҷуста шавад, балки ҳадаф дарки руҳу ҷавҳари ин матнҳо аст. Бояд мутобиқат байни матнҳои иттифоқӣ ва ихтилофӣ барқарор карда шавад. Ҷузъиёт бояд дар партави куллиёт ва мақсадҳои омми шариат дар асоси қоидаи фиқҳии “Ибрат ба мақсадҳо ва маонӣ аст, на ба алфоз ва мабонӣ” ва қоидаи “Масоил ба мақсадҳояш эътибор дорад” фаҳмида шавад.

Аз мо тақозо мешавад, ки ба мутахассисони ин соҳа гӯш фаро диҳем, то бо фиқҳи мақсадҳо бо дарки комил бархӯрд карда тавонем ва мақсади Худовандро аз офариниш бифаҳмем.

49. ФИҚҲИ АВЛАВИЁТ

Мо бар фиқҳи авлавиёт таъқид намуда, ба мақоми олии он эътироф дорем ва ба сӯи он даъват менамоем. Масъалаҳои исломӣ дар як сатҳ қарор надоранд. Ба таври мисол, масъалаи тавҳиду имон аз масъалаи дур кардани чизҳои зарарнок аз роҳ фарқи бузурге дорад ва масъалаи фаъолиятҳои даъват низ дар ин сатҳ нест. Ба ҳамин хотир мо бояд фиқҳи авлавиётро ба хубӣ дарк намуда, ҳар як масъаларо дар мақому ҷои худ қарор диҳем ва дар бораи тартиби ин умур мутобиқи тағйироти замона бознигарӣ намоем. Зеро зинабандии авлавиёт дар Ислом собит мебошад, вале дар амали исломӣ ин зинабандиҳо мутобиқи ҳар замону макон ва ҳар инсон тағйирпазир аст. Аз ҷумлаи умуре, ки ба фиқҳи авлавиёт вобастагӣ дорад, доштани тавоноии шинохти зарарҳо мебошад. Яъне чун дар муқобили ду зарараре қарор гирифтем, битавонем онро бишносем ва зарари камтареро интихоб намоем ва инчунин тавоноии мувозинат байни манфиатҳоро дошта бошем, то онеро интихоб намоем, ки манфиати бештаре дошта бошад.

50. ФИҚҲИ НАТИҶАҲО

Даъватгарон бояд фиқҳи натиҷаҳо, яъне фаҳму дарки он натиҷаҳоеро, ки дар натиҷаи қарорҳое, ки қабул мекунанд, ба вуҷуд меоянд, дошта бошанд. Ин амр аз мо дарки амиқи суннатҳои худовандӣ ва фаҳми комили вазъияти маҳал, минтақа ва оламро талаб мекунад. Ба ҳамин хотир доиён бояд пеш аз қабули қарор хуб фикр кунанд ва таъсири натиҷаи онро бар худ ва атрофиён бидонанд. Қарорҳои худро бо яқини комил, на бо гумон, бо тааммул ва фикр, на бо аҷалаву саросемагӣ ва бо қудрату тавоноӣ, на ваҳму хаёл қабул кунанд.

51. ФИҚҲИ ВОҚЕИЯТ

Даъватгарон бояд воқеъбинона амал намоянд. Фаҳми шароит ва ҳолатеро, ки ба ин воқеият иртибот дорад, дошта бошанд ва он масофаеро, ки байни орзуҳо ва имконот вуҷуд дорад, дарк намоянд. Дар ин сурат, шиорҳо, ҳадафҳо ва барномаҳои онҳо метавонанд амалӣ шаванд. Барои ин кор бояд ақлу фаҳми худро омода намуда, мардумро гирди масоили возеҳ, барномарезишуда ва бо риояи заруратҳо ҷамъ намоем.

52. ФИҚҲИ МУЪТАДИЛӢ

Ислом дини муътадил аст ва аз ду сифати бади ифрот, яъне сахтгирии аз ҳад зиёд, ва тафрит, яъне сустию бепарвоӣ, пок мебошад.

Худованд мусулмононро ба хубӣ ёд карда, чунин фармудаанд:

“ Оре чунин аст, ки шуморо беҳтарини умматҳо гардонидем, то бар мардумон гувоҳ бошед ва паёмбар бар шумо гувоҳ бошад” ***(Бақара 143).***

Яъне Худованд шуморо уммати хайру муътадил гардондааст, зеро беҳтарини умур миёнаи он мебошад ва аммо азҳадгузарӣ ва кӯтоҳӣ ҳар ду мазмум ва бад ҳастанд.

Тафриту кӯтоҳӣ бад аст, зеро манфиатҳои фард ва ҷомеаро зоеъ месозад ва ифроту азҳадгузарӣ низ бад аст, зеро мухолифи фитрати инсони мебошад, ки тавоноии бардошти онро надорад. Ба ҳамин хотир ғулув ва азҳадгузарӣ умри кӯтоҳ дошта, донаҳои нобудии худро канори худ мекорад. Худованд инсонро офарид ва ӯро мукаллаф ба пайравӣ аз дини Ислом кард ва чун Худованд табиат ва заъфу тавоноиҳои инсонро медонад, пас ба ҳамин хотир дини Исломро дини миёна ва муътадил гардонд.

Мусулмон набояд он қадар зуҳду порсоиро ихтиёр кунад, ки ӯро аз обод сохтани дунё ва адои вафизаҳояш дур созад ва барои дигарон бори гарон ва вазнин гардад. Дар айни ҳол набояд он қадар машғули дунё ва ҷамъоварии он бошад, ки тамоми фикраш дунё бошад, балки бояд дар ҳадди миёна ва эътидол зиндагӣ кунад.

Миёна ва муътадил будани дини Ислом дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт зоҳир мегардад, зеро Ислом дини шомил ва охирин аст. Он гуна, ки муътадилии Исломро дар обод сохтани замин ва талаби ризқу рӯзӣ мебинем, ҳамон гуна онро дар ибодат, нафақа, муомилот, либос, тавозуни одилона байни талаботи фард ва ҷомеа, ҳақ ва воҷиб, руҳ ва ҷисм, ақл ва қалб ва ғайра бидуни кӯтоҳӣ ва азҳадгузарӣ меёбем.

53. ФИҚҲИ ФОИДАҲО ВА ЗАРАРҲО

Хости Аллоҳ таоло буд, ки фаъолиятҳои исломӣ дар панҷоҳ соли охир пешрафти хуб намоянд. Ин пешрафт хуширо дар қалби мусул-

мон ба бор меоварад, зеро сабаби интишор ёфтани дини Худо мегардад ва дини Худо дар ҷаҳон роҳбарӣ мекунад. Дар айни ҳол ин пешрафти босуръат хатарнок аст, зеро бисёре аз пайравони ин фаъолиятҳо ба таври комил ва дуруст тарбияи шаръӣ ва ахлоқӣ нашудаанд ва дарки дурусти сиёсӣ низ надоранд. Ин амр сабаб мешавад, ки фитнагарон фурсатро мусоид дониста, дар байни онҳо дохил мешаванд ва онҳоро ба анҷоми корҳои аҳмақона водор менамоянд, ки чунин ҳам шуд ва ҳанӯз ҳам шуда истодааст. Ба ҳамин хотир доиёни оқил бояд ба гурӯҳҳое, ки ҳидоят мешаванд, аҳамияти ҷиддӣ дода, онҳоро дар асоси фаҳми дуруст тарбия намоянд ва ин амалро мутобиқи қоидаи "Дур кардани зарар, аз ҷалби фоида беҳтар аст" бар касби ҷойҳои нав барои даъват муқаддам донанд.

54. ФИҚҲИ СУННАТҲОИ ИЛОҲӢ

Аз адолат ва лутфу карами Худованд бар бандагонаш ин аст, ки қонунҳои Худованд дар табиат бетарафона буда, касеро тарафдорӣ намекунанд ва бо касе, гурӯҳе ва ё дине душманӣ надоранд, балки ҳама дар баробари он яксон мебошанд. Пас ҳар кӣ бо некӣ ба ин қоидаҳо бархӯрд намояд, комёб мешавад, ва ҳар кӣ аз он истифодаи хуб накард, ноком хоҳад шуд. Ин ба он маъност, ки Аллоҳ таоло ҳеҷ кас ва ҳеҷ ҷамоате аз мусулмононро ба хотири мусулмон буданашон муфт кумак намекунад, балки бояд аз василаҳо ва воситаҳо истифода намоянд.

55. ФИҚҲИ ТАДРИҶ

Мо бояд даъвати худро бо тадриҷ, на бо ҷаҳиш; бо рушду нумӯ, на бо тахаллуфу қафомонӣ; бо ҳикмат, на бо ҳаяҷон; бо фикр, на бо саросемагӣ ва бо фаъолияти ором, на бо шитобу саросемагӣ анҷом диҳем. Дар ҳадиси шариф омадааст: "Шитобзада масофаеро тай намекунад, ҳарчанд бар ҳайвони саворӣ раҳм намекунад" (Баззор ва Ҳоким). Дар ҳадиси дигар омадааст: "Маҳбубтарини корҳо давомноктарини онҳост, ҳатто агар кам бошад" (Бухорӣ). Дар ҳадиси сеюм чунин омадааст: "Ҳар кӣ дар дин сахтгирӣ намояд, дин ӯро мағлуб мекунад" (Бухорӣ). Ин ҳикмати боарзишро низ ёдовар мешавем, ки мефармояд: "Гузашти вақт табобат мекунад".

56. ФИҚҲИ МАРҲАЛАҲО

Корҳои мо бояд марҳала ба марҳала анҷом шаванд, яъне мо бояд ҳадафҳои худро тақсимбандӣ ва дараҷабандӣ намоем, то ҳамаи онҳо ба ҳадафи асосӣ хизмат кунанд. Мо бояд ба шакле фаъолиятҳоямонро зинабандӣ намоем, ки ҳадафи аввал роҳро барои расидан ба ҳадафи дуюм ҳамвор кунад ва ҳадафи дуюм рӯи ҳадафи аввал устувор бимонад. Мо бояд ҳадафҳоеро барномарезӣ намоем, ки тавони расидан ба онҳоро дорем ва дар айни ҳол муносиби шароит мебошанд. Дар рафти фаъолиятҳои даъвати динӣ бояд дар бораи коре, ки онро анҷом дода наметавонем, сукут намоем, агарчи он ҳадаф дуруст ва ичрояш бар мо лозим бошад, вале дар ҳар ду ҳолат набояд эълон кард, ки намехоҳем онро анҷом диҳем.

57. ФИҚҲИ ИНТИХОБ

Даъват ба дини Худо танҳо бар толибилмон воҷиб нест, балки вазифаи ҳама мебошад, ҳарчанд вазифаи толибилмон назар ба дигарон сангинтар аст.

Бояд ёдовар шавем, ки дини мубораки Ислом ҳамаро дарбар мегирад, аз ҷумла тарсу ва далер, бахил ва сахӣ, доно ва нодонро, аммо даъват ба Ислом ба хотири бузургӣ ва аҳамияту пурхатар буданаш ба афроди бо сифатҳои мардонагӣ, саховатмандӣ, шуҷоат, сабр, иродаи қавӣ, инсоф ва азхудгузарӣ ниёз дорад. Пас тамаркузи мо бояд рӯи ашхосе бошад, ки дорои ин сифатҳо ҳастанд. Онҳоро ба даст биёрем ва дар роҳи даъват ба кор гирем, зеро онҳо дар осудагиҳо зебоиянд ва дар сахтиҳо такягоҳанд ва бо чунин ашхос метавон пояҳои даъватро асосгузорӣ намуд.

Ин ба он маъно нест, ки онҳо аз хато ва нуқсон поканд. Ҳар як шахс аз камбудӣ ва нуқсон насиби худро дорад, вале чунин ашхос дар умум конҳои хайранд, чун агар хато кунанд, боз ба хайрашон бармегарданд ва манфиатҳои оммаро бар хос, ҷавҳарро бар шакл ва ҳақиқатро бар сурат бартарӣ медиҳанд. Онҳо бар усулу арзишҳо собит мемонанд, ҳарчанд дар ин роҳ хатарҳо вуҷуд дошта бошад ва то он дам идома медиҳанд, ки Аллоҳ таолоро мулоқот намоянд.

Ҳар қадар инсонҳои хуб дар сафи доиёни исломӣ бештар гарданд, ҳамон қадар нишонаҳои нусрату комёбӣ намоёнтар хоҳанд гашт ва дар ғайри он сурат ҳама чиз баръакс хоҳад буд.

Замоне, ки дар Макка даъвати исломӣ заиф буд, Расулуллоҳ (с) аз Худованд хост, то Исломро бо яке аз ду Умар (Умари ибни Хаттоб ва Амр ибни Ҳишом - Абуҷаҳл) нусрат диҳад, зеро медонист, ки дар вуҷуди онҳо хайри бисёре вуҷуд дорад, вале ин дуои хайр насиби саҳобаи нобиға Умари Форуқ (р) гашт ва ҳама медонем, ки дар дини Ислом чӣ хизматҳои бузурге кард.

Ба ҳамин хотир дар фаъолиятҳои исломӣ бояд тамаркузи асосӣ рӯи афроде шавад, ки мавсуф ба сифатҳои хайр бошанд ва онҳоро барои хизмати дин интихоб намуд, ҳарчанд дигаронро низ набояд фаромӯш кард. Расулуллоҳ (с) мефармоянд: “Мардум монанди конҳои тилло ва нуқра мебошанд. Беҳтаринашон дар ҷоҳилият, беҳтаринашон дар Ислом низ хоҳанд буд, агар Исломро ба хубӣ дарк намоянд” (Муслим).

58. ФИҚҲИ БАРХӮРД БО ФИТНАҲО

Гоҳ гоҳе мушкилот, фитна ва шубаҳаҳо дар баробари мусулмонон қарор мегиранд. Ин фитнаҳо гоҳе бо забондарозӣ алайҳи Худованд, айб гирифтани Расулуллоҳ (с), зулм бар ҷомеаи мусулмонон, яке аз муқаддасоти исломӣ, масхара кардани яке аз арзишҳои исломӣ ва ғайра зоҳир мешаванд ва арзи ҳастӣ мекунанд.

Сабабҳои ин фитнаангезиҳо гуногун мебошанд, аз ҷумла аз рӯи бадбинӣ, зулм, ҷаҳлу нодонӣ, шуҳратталабӣ, машғул намудани фарзандони мухлиси ин уммат ба корҳои дигар ва боз доштани онҳо аз масоили асосӣ.

Ба ҳамин хотир доиён бояд бо чунин фитнаҳо оқилона бархӯрд намоянд ва сабабҳои ҳар кадоми онро омӯхта, бо дар назар гирифтани манфиатҳо, сабабҳо ва натиҷаҳои ин бархӯрдҳо якеро бо хомӯшӣ, дигареро бидуни ном бурдан ҷавоб диҳанд ва ӯро шарманда накунанд ва фитнаи дигареро бо рад кардан ва ном бурдани он ҷавоб бигардонанд. Аммо вақте ҳар кадомеро, ки ошкоро ва бо ном бурдан ҷавоб мегардонанд, бояд тамоми умурро дар назар гирифта, аз ҳадди лозим берун нашаванд, зеро агар аз андозаи лозим берун шаванд ва аз андозаи лозим бештар барои чунин фитнаҳо вақт гузошта шавад,

ин ҳамон натиҷаест, ки душманон мехоҳанд, ва бо ин корашон хӯшҳол гашта, фитнаангезиҳои худро идома медиҳанд, то талошҳову кӯшишҳои доиёнро аз роҳи аслии худ берун кунанд.

ФАСЛИ ШАШУМ

МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГӢ

59. ИСЛОМ ВА ДАЪВАТ

Байни дин ва даъват бояд фарқ гузошта шавад. Ислом дини ҳақ ва ҷовидони Худованд аст, ки ҳеҷ ботиле бар ӯ намерасад, аммо даъват талоши башарӣ мебошад, ки метавонад дуруст бошад ва метавонад дар он хато низ вуҷуд дошта бошад.

Дини Худованд муқаддас ва пок аст, аммо фаъолиятҳои исломие, ки барои дини Ислом анҷом мешаванд муқаддас ва беайбу нуқсон нестанд. Дини Исломро наметавон васила қарор дод ва фаъолиятҳои исломиро маъсум донист ва ё фаъолиятҳои исломиро баҳона қарор дод ва ба сабаби камбудиҳои он аз дини мубораки Ислом айбҷӯӣ кард ва онро ноқис донист.

60. РАВИШИ БЕҲТАР

Беҳтарин равиши даъват ин аст, ки дар қадами аввал ҳақиқатҳо ва барномаҳои ислом ба таври дақиқ ва возеҳ баён карда шаванд. Зеро ин амр барои қабулкунандаи он маъқултар ва осонтар мебошад. Ба ҳамин хотир мо бояд дар оғоз аз шубҳаҳо ва радди он ва ё фирқаҳо ва афкоре, ки бо ҳама хубиву бадиҳояшон аз байн рафтаанд, дурӣ ҷуем ва дар бораи он суҳбат накунем, вале агар дар бораи ин гурӯҳҳо суҳбат кардан лозим шуд, дар ҳадди кам ба он пардохта шавад ва аз равишу барномаи аслии даъват берун набояд шуд.

61. ДАЪВАТИ УМУМӢ

Дар майдони даъвати умумӣ бояд ҳақиқатҳое, ки ҳама ба он иттифоқи назар доранд, гуфта шаванд ва аз ихтилофоти фиқҳӣ, ривоятҳои нодир, таъвилоти худсарона, шохабандиҳо ва фарзияҳои эҳтимолӣ ва ғайри эҳтимолӣ дурӣ шавад. Зеро ин умур ҷои худ ва аҳли худро доранд, вале оммаи мардум ва онҳое, ки дар оғози роҳанд, бояд ба умури аслӣ ва муфиде, ки метавонанд онро ба осонӣ дарк намоянд, машғул шаванд.

62. УСУЛҲОИ ҚУРЪОНӢ САРЧАШМАИ АСОСӢ ҲАСТАНД

Усули қуръонӣ сарчашмаи олӣ ва ягона барои ҷомеаи исломӣ мебошанд ва ин бояд аз ҷумлаи умури собите бошад, ки дар каму зиёдаш дасткорӣ нашавад. Ҷомеаи исломӣ ҳақ дорад чизҳои муфидро аз ғайри мусулмонон бигирад, вале ба ин шарт, ки уламои бузург ва муътамад иҷозат диҳанд. Роҳнамоиҳои шариат бояд дар ҷои аввал қарор гиранд ва роҳнамоиҳои муассисавӣ дар ҷои дуюм, зеро шариат асл ва низоми муассисавӣ фаръ аст ва ҳамчун васила дар хизмати асл қарор мегирад.

63. ИДОМАИ КОРИ ПЕШИНИЁН

Мо даъват мекунем, ки бар асосе, ки дигарон гузоштаанд, бунёд намоем. Муассиса, марказ, мадраса ва ё даъватгар дар майдони холӣ корашро оғоз намекунад ва аввалин касе нест, ки барои хизмати дини Худованд камари ҳиммат бастааст ва охирин низ барои расидан ба ин ҳадафи бузург намебошад.

64. НАВИШТАҲОИ ВОЗЕҲ

Чизҳоеро, ки мо барои даъват менависем, бояд возеҳ, ҳисобшуда ва муназзам бошанд, то ин ки назди нависанда ва хонанда як мафҳуми умумӣ вуҷуд дошта бошад, яъне хонанда мақсади нависандаро дарк карда тавонад. Дар ин амр ду фоида вуҷуд дорад. Якум, муттаҳид шудани афкор ва фаъолиятҳо байни доиён. Дуюм, аз байн рафтани парокандагӣ ва чандфикрӣ байни доиён ва махсусан насли ҷавон. Ва инчунин бастани роҳи таъвилот ва иҷтиҳодоти хатое, ки сабаби фаҳми ғалат ва ифроту тафрит, яъне нақсу азҳадгузарӣ ва фитнаҳову парокандагӣ мешаванд.

65. ИСТИЛОҲОТИ ДАҚИҚ

Мо бояд истилоҳоти хосси худамонро дошта бошем, ки ба қадри имкон қуръонӣ буда, дар айни ҳол возеҳ, дақиқ ва мустақил бошанд ва онро бо иноятуҳикмат интихоб намуда, аз афкори гуногуне, ки

ҳар ҳангом пайдо мешаванд, дурӣ ҷӯем. Вақте, ки бозори коммунизм, сармоядорӣ ё демократӣ боло мегирад, мо набояд Исломро ба коммунистӣ, сармоядорӣ ё демократӣ сифат намоем.

Ислом ҳамон динест, ки меъёрҳо, усул ва аҳдофи худро дорад. Агар баъзе таълимоти Ислом бо баъзе афкори ин ё он низому равияҳо мувофиқат намояд, ба ин маъност, ки Ислом дини шомил аст, вале дуруст нест, ки ба хотири як мувофиқат Исломро ба ин ё он мавҷҳои фикрӣ нисбат диҳем. Зеро Ислом асл ва ғайри он фаръ аст. Ислом пойдор ва ғайри он тағйирпазир аст. Ислом ҳақиқати холис ва пок аз хато аст, аммо ғайри он чунин нестанд, балки хубиву хатогиҳо доранд.

Ба ҳамин хотир мо бояд аз истилоҳоте, ки ба сӯи он даъват ва таблиғ карда мешавад, ҳазар намоем, зеро зоҳири он агарчи хуб бошад, вале ботини он ботил аст. Ва гоҳе доиён аз зоҳири зебои он ба сабаби нодонияшон ва ё барои хушнуд кардани дигарон фиреб мехӯранд.

66. РУШДИ ШИНОХТИ ХАТАР

Мусулмонон уммате мебошанд, ки ҳамеша мавриди ҳадафи душманон қарор доштаанд, зеро ин уммат дорои рисолат ва ҳадаф аст ва ба ҳамин хотир ҳамеша ҳадафи душманонаш мебошад, зеро онҳо аз ҳама бештар ҳақро бад мебинанд. Пас мо бояд дар байни пайравони ин уммат қудрати шинохти хатарҳоро тақвият бахшем ва ин корро мо бо муттаҳид намудан ва дур кардани ихтилофот метавонем анҷом диҳем. Ҳама ҳадафи тирҳои душманон қарор доранд ва аз ин хатарҳо бехабар мондан таъсири онро бештар месозанд. Хатарҳо ду навъ мебошанд: дохилӣ ва хориҷӣ. Хатарҳои хориҷӣ аз тарафи дигарон ва хатарҳои дохилӣ аз сафи доиён пайдо мешаванд ва таърих собит намудааст, ки бисёр вақт хатарҳои дохилӣ аз хатарҳои хориҷӣ хатарноктар мебошанд.

67. ИХЛОС ВА ДУРУСТКОРӢ

Ихлос дар дини мубораки Ислом мақоми баланде дорад, зеро ихлос руҳи амал аст ва шарти қабули он мебошад ва амале, ки ихлос надошта бошад ҳатман аз байн хоҳад рафт. Лекин ихлос ба танҳоӣ

кифоят намекунад, зеро амал метавонад бо ихлос бошад, вале дар айни ҳол дуруст набошад.

Ба ҳамин хотир дар даъват ихлосу дурустӣ бояд якҷо бошанд, зеро якҷо будани ин ду паҳлӯи ҳам роҳи ягонаи наҷот мебошад.

Дар ҳамин асос даъватгарон бояд бидонанд, ки дуруст будан арзишӣ баланде дорад ва бояд чуноне, ки ба ихлос даъват мекунанд, дар ҷустуҷӯи ёфтани роҳи дуруст талоши зиёд намоянд. Ин амрро бояд ба ду сабаб анҷом диҳанд. Аввал, ба хотири ин, ки дурустии кор бисёр амри муҳим ва ҳамсафари комёбӣ мебошад, балки нисфи комёбӣ аст. Дуюм, ба хотири ин, ки аксари касоне, ки дар роҳи даъват фаъолият менамоянд, ғолибан хушбовар ҳастанд ва ба ҳамин хотир дар гузашта ва ҳанӯз ҳам фиреб додан ва оҳиста-оҳиста ба чоҳ андохтани онҳо осон мебошад.

Дар баъзе ҳолатҳо доиён бо вуҷуди корҳои хубтар барои корҳои хуб, нодаркор ва ё нодуруст талош мекунанд ва фиреби тағйиротеро мехӯранд, ки онҳо аввалин қурбонии он ҳастанд, ва он тағйири наве, ки ба вуҷуд меоранд, бадтар аз собиқаш аст.

68. ИДОРАИ ЭҲСОСОТ

Вуҷуд доштани ҳамоса ва шавқ хайру баракат аст, зеро рӯҳияи азму ирода, фаъолият, ҳаракат, саховат, мусобақа, азхудгузарӣ, навоварӣ ва дигар сифатҳои ҳамидаро дар вуҷуди инсон бедор месозад ва сабаби пешрафт дар фаъолиятҳои исломӣ мешавад. Ба дараҷаи вуҷуди ин шавқ дар вуҷуди инсон, ҳаракату талошаш зиёду кам мешавад. Ба ҳамин хотир даъватгарон ҳамеша талош мекунанд шавқро дар вуҷуди мардум бедор намоянд ва албатта ин корашон хуб аст, вале бояд ду масъаларо дар назар бигиранд:

Аввал ин, ки бояд миқдори он шуру шавқ дар назар гирифта шавад ва бо диққат идора гардад, зеро он мисли доруест, ки духтур барои бемор ба миқдори муайян, яъне на зиёд ва на кам тавсия менамояд. Агар ин доруи шавқ ва ҳаяҷон беш аз ҳадди лозим дода шавад, махсусан ба ҷавонон, дар вуҷуди онҳо эҳсосотеро эҷод хоҳад кард, ки онро шояд ба роҳи хато ва дар ҷои нодуруст амалӣ намоянд.

Дуюм ин, ки даъватгар бояд барои ҷавононе, ки эҳсосоташон ба авҷи худ мерасанд, майдони фаъолиятеро эҷод намояд, ки он қуввае-ро, ки дар дохили худ ҷамъ намудаанд, дар кори муфид холӣ намо-

янд ва эҳсос кунанд, ки кори хайреро ба анҷом расондаанд ва он ҳиссе, ки ҳамеша онҳоро ба сабаби анҷом надодани кори хайре азоб медиҳад, ором кунанд. Чуноне, ки инсон чун кореро анҷом дод аз натиҷаи кори худ эҳсоси хушҳолӣ менамояд, ҳамин тавр ин ҷавонон низ бо афъоли хайрашон виҷдони худро ором ҳис мекунанд.

69. ШУҶОАТИ АМАЛ КАРДАН

Шуҷоат яке аз сифатҳои ҳамида ва бузургест, ки даъватгарон бояд худро бо ин сифати нек зинат диҳанд, зеро шуҷоат яке аз бузургтарин тӯшаи онҳо дар ин роҳ мебошад. Ҳар гоҳ фаъолиятҳои даъватӣ бо сифати шуҷоат худро зинат диҳад, умеди комёбияш бештар мегардад ва ҳар гоҳ аз ин сифат дур шавад, ҳамон қадар аз комёбӣ дуртар мешавад. Албатта шуҷоат бояд бо ақл, диққат, омӯзиш ва таҳқиқ якҷо бошад, то иқдоми боҳикмате бошад, вале агар чунин набошад, шуҷоат нест, балки ҳалокат аст.

70. ШУҶОАТИ БОЗИСТОДАН

Чуноне, ки амал дар вақти лозим зарур аст, беамалӣ дар ҷои лозим низ зарур мебошад. Қабули қарор дар ин ду ҳолат аз далелҳои дуруст ва муътамад вобаста аст. Дар ҳар ду ҳолат шуҷоат сифати хуб ба шумор меравад, вале шуҷоати бозистодан муҳимтар аст, зеро одамҳо барои шуҷоати амал кардан таърифу тамҷид мешаванд, аммо дар ҳолати бозистодан аз коре шояд баръакс таҳқир шаванд ва ба тарсӯ будан муттаҳам гарданд. Аммо ҳикмати чунин шахс ӯро водор месозад, ки аз ин эҳсосоти мардум чашм пӯшад.

Холид ибни Валид (р), он саҳобии нобиға дар ҷанги Муъта аз шуҷоати бозистодан ва ақибнишинӣ истифода намуд, зеро шуҷоати амал карданро дар он лаҳза ҳалокати худ ва ёронаш меҳисобид. Ба ҳамин хотир ақибнишинӣ кард ва бо ёронаш ба Мадинаи Мунавара баргашт, ки ин кораш низ аз рӯи шуҷоат ва таҷриба буд. Кӯдакони Мадинаи Мунавара Холид (р) ва ёронашро ба хотири ақибнишиниашон “фуррор”, яъне «гурехтаҳо» номиданд, вале Расулуллоҳ (с) онҳоро “куррор”, яъне «дубора ба ҷанг бармегаштагиҳо» хонд.

Холид (р) шуҷоати бозистоданро дуруст донист ва ба он амал кард ва шуҷоати амал карданро нодуруст донист ва аз он ҳазар намуд.

71. ОРОМИИ МАТЛУБ

Мо ба бозгашт аз ҳаяҷон ба ҳикмат, аз эҳсосот ба оромӣ, аз беаҳамиятӣ ба умури зиндагӣ ба омӯзиш ва ислоҳи онҳо ва обод сохтани он даъват мекунем.

72. ЭЪТИНО БА МАЪНО, НА БА НОМ

Вақте зарурат бошад, ки номе аз номҳо тағйир дода шавад, пас доиён бояд ин корро анҷом диҳанд.

Дар футуҳоти аввалини Ислом қабилаи Тағлиб ба даромадан зери ҳукми давлати исломӣ розӣ шуд, вале онҳо нахостанд, ки ҷизя диҳанд, балки хостанд, ки он чизе, ки ба давлат месупоранд, садақа номида шавад, на ҷизя, зеро ин номро иҳонат бар худ медонистанд. Умар ибни Хаттоб (р) талаби онҳоро қабул кард, зеро онҳо мехостанд танҳо ном иваз шавад, вале маъно ва мафҳум дар ҷояш боқӣ монда буд. Ин яке аз он корҳои ҳакимонаи бешумори Умар (р) буд.

73. ҶОМЕАҲОИ МО ИСЛОМӢ ҲАСТАНД, ВАЛЕ...

Ҷомеаҳои мо исломӣ ҳастанд, на ҷоҳилӣ ва камбудиҳои дар татбиқи шариат, бидъатҳо ва гумроҳиҳое, ки дар он вуҷуд доранд, далел шуда наметавонад, ки ин ҷомеаҳоро ҷоҳилӣ биномем. Албатта он афъолро метавонем афъоли ҷоҳилӣ ва ғайри исломӣ бидонем, вале ин як ҷоҳилияти ҷузъӣ мебошад.

Вақте Абузари Ғифори (р) Билоли Ҳабаширо (р) айб гирифта, «писари зани сиёҳ» номид, Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфт: “Дар ту сифате аз сифатҳои ҷоҳилӣ аст”. Аз одоби Расулуллоҳ (с) ва ҳикматаш ин буд, ки ба ӯ нагуфт, ки ту ҷоҳил ҳастӣ, балки гуфт, ки дар ӯ яке аз сифатҳои ҷоҳилият вуҷуд дорад ва Абузар (р) ин хатогияшро дарк намуд ва зуд аз Билол (р) бахшиш пурсид ва худро аз ин хислат пок сохт. Яъне сифате, ки аз даврони ҷоҳилият дар ӯ монда буд, ӯро аз Ислом хориҷ накард.

Ҳолати ҷомеаҳои мо низ ҳамин тавр аст ва дар он чизҳое ҳаст, ки метавон онро аз ҷоҳилият донист, ва ин умум вобаста ба замону макон дар дараҷоти гуногун қарор доранд, вале боз ҳам ин ҷомеаҳо

ҳамчун ҷомеаҳои исломӣ боқӣ мемонанд. Доиён бояд мардумро аз ин умур бохабар кунанд, ҷомеаҳоро аз он пок намоянд ва ба мардум бифаҳмонанд, ки исломашон комил намешавад, то худро аз ин умури нораво пок насозанд.

74. НАВҲИДОЯТЁФТАГОН

Табиист, ки мусулмон бо гаравидани кас ба Ислом хушҳол мегардад, вале баъзан ин хушҳолӣ аз ҳадди худ берун мешавад ва мо муртакиби хатогиҳое мешавем, ки имкони аз он ҳазар намудан вуҷуд дорад. Ба хотири ин ки манфиатеро барои худамон ва шахси навҳидоятёфта муҳаққақ созем ва ба хотири ин ки муртакиби хато нашавем, бояд аввал аз ният, ақл, пойдорӣ ва ҳикмати шахси навҳидоятшуда боварӣ ҳосил намоем ва ба ӯ ботадриҷ ният, фаҳм ва ахлоқи исломиро таълим диҳем, то Ислом дар қалабаш устувор гардад. Бо ин корамон ӯро ба таври табии тарбия мекунем ва оҳиста-оҳиста рушду нумӯ мекунад. Вале агар дар кумаки моддию маънавӣ муболиға намоем, ӯро ба зархарид табдил медиҳем ва мағрураш мекунем ва шояд фикр кунад, ки вай устоди мост ва мо бояд аз вай биомӯзем, на ӯ аз мо.

75. ПИРӮЗИҲО ВА ШИКАСТҲО

Дар таърихи Ислом корнамоиҳои бузурге вуҷуд доранд, ки ба он ифтихор мекунем. Дар корномаҳои даъвати исломӣ низ чунин ифтихорот вуҷуд доранд. Ин ифтихорот метавонанд барои мо нерӯ диҳанд, ба шарти ин ки мо аз он ибрат гирем, то дар вуҷуди мо таъсири мусбат расонанд ва моро ба пешрафт водор намоянд. Агар мо ба ин корнамоиҳо ифтихор намуда, даст ба коре назанем, онҳо метавонанд ба мо таъсири манфӣ расонанд. Дар таърихи Ислом хатогиҳои зиёде низ вуҷуд доранд, ки метавонанд барои мо нерӯи муфид бошанд, ба ин шарт, ки мо аз он ибрат гирем ва бо рӯҳияи бунёдкорона ба сӯи пеш ҳаракат кунем. Дар айни ҳол, ин шикастҳои таърих метавонанд барои мо нерӯи манфӣ ва зараровар бошанд. Онҳо замоне ба чунин нерӯ табдил меёбанд, ки барои он мотам гирем, худро маломат намоем ва аз он ибрат нагирем.

76. БАРХЎРД БО ҲАДИСҲОИ ДАР БОРАИ ФИТНА ВА ҶАНГҲО

Ислом ба изни Аллоҳ дини ҳифзшуда ва нусратёбанда аст ва оянда аз они Ислом хоҳад буд, агарчи душманонаш инро намехоҳанд. Далели ин гуфтаҳо оятҳои Қуръони карим, ҳадисҳои Расулуллоҳ (с) ва воқеаҳое мебошанд, ки имрӯз дар ҷаҳон рух медиҳанд.

Умеди доиён ба нусрат ёфтани Ислом бояд комил бошад, зеро ҳамаи ин башоратҳо саҳеҳ ва дуруст мебошанд ва ин боварӣ барои онҳо кумак мерасонад, то бештар талош кунанд ва тарафдорони бештаре пайдо намоянд.

Ҷои ёдоварист, ки бисёри ҳадисҳое, ки дар бораи фитна ва ҷангҳо омаданд, заиф мебошанд. Аммо он ҳадисҳои саҳиҳе, ки дар ин боб омадаанд ва мегӯянд, ки ҳолати ин уммат бадтар шудан мегирад, хусусиятҳои маконӣ ва шахсӣ доранд ва дуруст нест, ки онро умумӣ донем. Зеро хато фаҳмидани он мухолифи матнҳои шаръии саҳеҳ ва сареҳи умумӣ мебошад, ки ба нусрату пирӯзӣ далолат мекунанд, ва инчунин мухолифи суннати Худовандӣ дар дунё ва воқеаҳои таърихии гузашта ва ҳозира мебошад. Инчунин мухолифи адолати Худованд аст, ки чӣ гуна Худованд бандагонашро ба нусрати динаш амр мекунад, дар ҳоле, ки онҳо медонанд, ки ҳар коре ҳам анҷом диҳанд, боз ноком мешаванд? Худованд аз чунин амалкарде пок ва муназзаҳ аст. Замоне, ки мо дарк кунем, ки масоили ҷузъӣ дар доираи масоили куллӣ ва масоили заннӣ дар доираи масоили қатъӣ бояд фаҳмида шаванд, он гоҳ ҳадисҳои дар бораи фитнаҳоро дар доираи саҳеҳи худ мегузорем ва бар имону яқини худ боқӣ мемонем, ки Ислом ба изни Парвардигор пирӯз хоҳад буд.

77. ОЯНДА АЗ ОНИ ИСЛОМ АСТ

Ислом дини пирӯз аст, зеро охирин паёми Худованд ба мардум аст ва Худованд ваъда додааст, ки онро бар тамоми динҳо пирӯз хоҳад кард.

Уммати исломӣ гоҳ-гоҳе дар ҳолати заъфу нотавонӣ қарор мегирад, вале бо ақидаи ҳаракатдиҳандааш, сарзаминҳои фарохаш, мавқеъҳои ҷуғрофии стратегияш, сарватҳои гуногуни фаровонаш ва зиёд шудани наслаш метавонад бар ин заъфу нотавониҳо ҳамеша ғо-

либ ояд ва дубора роҳбариро ба даст гирад. Таърихи Ислом шоҳиди ин гуфтаҳост ва агар ин фитнаҳо бар сари дигар умматҳо меомаданд, ҳатман аз байн мерафтанд.

Доиён бояд ба ин мафҳумҳо ба таври ҳамешагӣ башорат диҳанд, зеро ин башоратҳо ноумедиро нобуд сохта, умедро дар қалбҳо мекоранд ва инсонро барои пеш рафтан ва амал кардан дилгарм месозанд. Албатта, ин хушхабарҳо ва башоратҳо бояд ҳатман бо саъю талош ва василаю воситаҳо ҳамроҳ бошанд, зеро суннату қонуни Худованд дар рӯи замин барои ҳама яксон аст ва ҳеҷ гоҳ пирӯзии муфтро ба нишастагон насиб намегардонад.

ФАСЛИ ҲАФТУМ

ҲАДАФҲО ВА ВАСИЛАҲО

78. ҲАДАФҲО ВА ВАСИЛАҲО

Ҳадафҳои асосӣ собит буда, ҳадафҳои фаръӣ марҳалавӣ ҳастанд, аммо василаҳо ва воситаҳо бояд ҳамеша навшаванда, тағйирпазир ва қобили рушду нумӯ бошанд, бояд дар он табдилшавӣ, гуногунӣ ва пешрафти ҳамешагӣ вуҷуд дошта бошад ва аз таҷрибаҳои мусулмонон ва ғайри мусулмонон истифода шавад, зеро ҳикмат гумшудаи мусулмон аст. Мо ба ду шарт ба василаҳо рӯ меорем. Якум, ба шарте, ки зарурати ҳақиқӣ ба онҳо пайдо шавад. Дуюм, ба шарте, ки хубиҳои онҳо бештар аз зарарҳояшон бошанд. Агар чунин набошад, мо ба онҳо даст намебарем. Ҳадаф бояд ҳамчун ҳадаф боқӣ бимонад ва василаҳамчун василаҳо. Зеро бисёр хатарнок аст, вақте ҳадаф ба василаё василаҳо ба ҳадаф табдил меёбад ва ин амрест, ки дар таърихи Ислом ба вуқуъ пайвастааст.

79. АҲАМИЯТ БА ИСТЕЪДОДҲО

Бояд ба талабаҳои боистеъдод ва нобиға аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Ин ҷавонон дар навоварӣ, пешрафт, андешидан дар бораи навовариҳои муфид ва иқдомоти ояндасоз пешқадам мебошанд.

80. АХЛОҚИ ГУФТУГӮ

Мо ба омӯзиши ахлоқ ва фарҳанги гуфтугӯ даъват мекунем, зеро гуфтугӯ муҳимтарин василаи даъвати муваффақ мебошад ва мунозиракунандаи муваффақ ҳамчун ҳимоягари муваффақ аст. Ҳимоягари муваффақ метавонад аз масъалае, ки ба сӯи он даъват мекунад, хуб дифоъ кунад ва, баръакс, агар мунозиракунанда муваффақ набошад, монанди ҳимоягари номуваффақ аст, ки наметавонад аз ҳуқуқи ҳимояшудааш дифоъ намояд.

81. ИХТИЛОФ ДАР АФЗАЛИЯТ

Дар байни мардум ихтилофоти фиқҳӣ ва даъватӣ бисёр ва гуногун мебошанд ва ҳар кадоми он мутобиқи шароит, ҳолат, фаҳм ва дараҷаи илмии онҳо фарқ мекунад. Аз рӯи ҳикмат нест он чиро, ки барои худамон беҳтар ва афзал медонем, болои дигарон маҷбуран биқабулонем. Агар дар кори дурусте бо ҳам иттифоқи назар намоем,

беҳтар аз он аст, ки дар бораи афзалияти масоил бо ҳам ихтилоф ва баҳсу ҷанҷол кунем.

82. ҲАЗЛУ ШӮХИИ МАТЛУБ

Ҳазлу шӯхие, ки дар доираи шариат бошад, алоқаи навкоронро бо гурӯҳ устувортар мегардонад. Ин амр сабаб мешавад, ки бештар ба гурӯҳи худ вобастагӣ ва ихлос пайдо кунанд ва бештар афкору андешаҳои онро аз худ кунанд. Мо тавсия мекунем, ки дар муносибатҳои гуногун монанди идҳо, оғоз ва анҷоми соли таҳсил ба шӯхиву ҳазл пардохта шавад ва барои хушҳолӣ маҳфилҳо, таронаҳо, мусобиқот ва бозиҳои варзишӣ ташкил шуда, ҳадя ва ҷоизаҳо тақдим карда шаванд.

83. НА БАР ХУСУМАТ!

Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд:

“Мардумро бо ҳикмату панди неку ба роҳи Парвардигорат бихон ва бо беҳтарин тарз бо онон муҷодила кун” ***(Наҳл, 125).***

Инчунин мефармояд:

“Бо аҳли китоб ба некутарин тарз баҳс кунед, магар бо онҳо, ки ситам пеша карданд ***(Анкабут, 46).***

Мо тавсия мекунем, ки дарвозаи пурсишҳои назарӣ, баҳсҳои фарзӣ, қавлҳои беасос, иҷтиҳодоти таркшуда, эҳтимолоти гумонӣ ва баҳсҳои бефоида баста шавад, зеро ин баҳсу мунозираҳо зоеъ кардани вақту мол ва гурехтан аз масъулиятҳои ҳақиқӣ мебошанд ва метавонад сабаби бадбинию душманӣ гарданд. Вале агар ин баҳсу мунозираҳо лозим бошанд, пас бо ҳикмат ва равиши хуб, чуноне, ки Қуръони карим моро ба сӯи он роҳнамоӣ кардааст, анҷом шаванд.

84. АҲАМИЯТИ ЗАБОНИ АРАБӢ

Забон зарфи илму маърифат аст ва забони арабӣ муҳимтарин зарфи фарҳанги исломӣ мебошад. Ба ҳамин хотир фаҳми мардуми араб нисбати дин назар ба ғайри арабҳо саҳеҳтар аст. Тамоми за-

бонҳо мисли забони арабӣ дар ҳаёт таъсири худро доранд, вале забони арабӣ хусусияти худро дорост, зеро Худованд барои китобаш онро интихоб намуд ва Аллоҳ субҳонаҳу ва таоло донотар аст, ки рисолаташро дар куҷо, дар кадом вақту замон ва кадом инсону забон бигузорад. Забони арабӣ забони суннат ва аксари фарҳанги исломӣ мебошад. Бо дар назар гирифтани воқеаҳои таърихӣ мебинем, ки дини мубораки Ислом ҳар куҷое, ки бо забони арабӣ якҷоя интишор ёфт, дар он ҷо фаҳму истимрори Ислом хубтару беҳтар будааст, ҳатто агар хилофати исломӣ аз байн рафта бошад ва ё заиф гашта бошад ҳам, дини Ислом он ҷо боқӣ мондааст. Ба ҳамин хотир мо бояд дар нашри забони арабӣ ба қадри тавонамон дар мамлакатҳои исломии ғайри арабӣ ва умуман дар ҷаҳон талош намоем.

85. ВАСИЛА ҲАМРОҲИ ҲАДАФ

Ҳадафи аслии даъвати исломӣ нусрати дини Аллоҳ таоло ва ҳидояти тамоми мардум аст. Ин ҳадаф бо ин шукӯҳу бузургӣ ва шарофаташ ба василаҳои шарофатмандона эҳтиёҷ дорад. Бале, танҳо василаҳои хубу бошарофат. Ин амр моро водоро месозад, ки аз ибораи сиёстамадори италиявии Никколо Макиавелли «Мақсад василаро сафед мекунад» барҳазар бошем. Маънои ин ибора ин аст, ки ҳадафи хуб ба кас иҷозат медиҳад, ки барои расидан ба он аз василаҳои бад ҳам истифода намояд. Ин фикр дар дини мубораки Ислом ба таври куллӣ ҳаром ва норавост. Мутаассифона, ин ибора дар байни мусулмонон низ интишор ёфта, назди баъзеҳо мақбул шудааст ва аз ҳама бадтараш ин ки баъзе касоне, ки худро ба даъвати исломӣ мансуб медонанд, аз ин мафҳум истифода намудаанд. Оқибати ин корашон мусибатҳои бузургеро дар пай дошт ва ба ҳамин хотир дар даъвати исломӣ бояд ин ибора ҳам дар гуфтор ва ҳам дар рафтор мамнуъ карда шавад ва доираи даъват бояд аз касоне, ки аз чунин василаҳо истифода намудаанд, пок шавад ва эҳтиёт шавад, ки чунин ашхос дубора вориди ин майдон нагарданд.

ФАСЛИ ҲАШТУМ

ҲУШДОРҲОИ МЕТОДОЛОГӢ

86. МАСЪУЛИЯТ, НА МАНСАБ

Агар даъвати исломӣ аз мафҳуми масъулият ва рисолат ба касбу мансаб табдил ёбад, дар он сурат шакли зоҳирӣ бар гавҳар, бепарвоӣ бар фаъол будан, худхоҳӣ бар фидокорӣ, худкомаҳо бар инсонҳои хуб ва мунофиқон бар содиқон ғалаба хоҳанд кард. Ин ҳама офатҳое ҳастанд, ки бо дараҷаҳои гуногун дар дохили даъвати исломӣ ба вуҷуд меоянд. Вақте даъвати исломӣ аз масъулият ва рисолат ба касбу ҳунар ва мансаб табдил меёбад, он гоҳ мусулмонон нисбати он беаҳамият мешаванд ва силоҳи қавиеро ба дасти душманони даъвати исломӣ медиҳанд.

87. ЯК РОҲБАРИЯТ

Даъвати исломӣ набояд ду роҳбарият дошта бошад, ки яке ошкор бошад ва шаклӣ фаъолият намояд ва дигаре пинҳон буда, идораи ҳақиқӣ дар дасти он бошад ва бо роҳбарияти зоҳирӣ ҳар коре, ки хоҳад анҷом диҳад, ба танҳоӣ қарорҳоеро қабул намояд, ки роҳбарияти зоҳирӣ онро анҷом диҳад ё дар ҳолате ӯро қарор диҳад, ки ночор фармони ӯро иҷро намояд. Ин кор фиребу дурӯғ ва мухолифи тамоми арзишҳои асосии даъвати исломӣ аст, махсусан бо қоидаи шӯро мухолиф буда, ба қарорҳои ғайришаръӣ шакли шаръӣ буданро медиҳад. Ин як диктатураи воқеӣ аст. Ин равиши нодуруст сабаб мешавад, ки роҳбарияти пинҳон ба роҳбарияти ошкор бо чашми ҳақорат ва пастӣ бингарад ва худро дар мақоми бисёр олӣ ва баланд бидонад. Дар муқобил, роҳбарияти ошкор ба роҳабарияти пинҳон бо кинаву душманӣ назар кунад ва худро дар назди пайравонаш заиф ва нотавон эҳсос кунад. Оқибати чунин фаъолият ба душманӣ ва парокандагӣ бурда мерасонад ва чунин шудааст, ки гурӯҳе аз гурӯҳҳои даъвати исломие, ки бо чунин шакл фаъолият менамуд, шикасти вазнин хӯрд.

88. ФИРЕБҲОИ ТАҒЙИРОТ

Калимаи “тағйирот” аз ҷумлаи шиорҳои маҳбуби мардум аст, ки аз тарафи доиён ва ғайри онҳо сар дода мешавад. Он чӣ, ки мо бояд дар бораш бидонем, ин аст, ки тағйирот на ин ки гоҳе ба сӯи хубтар намебаранд, балки чизеро, ки иваз мекунанд, барои мардум ба таври

ом ва барои доиён ба таври хос бадтар аз гуҳашта хоҳад буд. Ба қавли шоир:

Рӯзҳое буд, ки аз он мегиристам,
Лек имрӯз он рӯзҳоро кунам ёд.

Саҳобии нобиға Амр ибни Ос (р) фармуда буд: "Ҳокими золим аз фитнаи бардавом беҳтар аст". Амр ҳокими золимро таъриф накардааст, вале аз ҷойгузини бадтар аз он барҳазар доштааст.

89. АКСУЛАМАЛ

Мо аз аксуламале, ки баъзе ислоҳотчиён нишон медиҳанд, барҳазар медорем, зеро чун инҳироф ё хатоеро дар фаҳм ё рафтор мебинанд ва ба он рӯ ба рӯ мешаванд, ба он аз ҳадди лозим бештар аҳамият медиҳанд ва дар бархӯрд ба он бештар аз он, ки лоиқ аст, аксуламал нишон медиҳанд ё доираи васеъро бисёр танг ва маҳдуд мекунанд.

90. ИСРОФИ АҚЛ

Исроф фосидкунандаи мол аст ва ба фасодҳои дигар низ бурда мерасонад. Ба ҳамин хотир дини мубораки Ислом бо исрофи мол мубориза бурда, паҳн гаштани онро дар байни умматҳо сабаби ҳалок шуданашон гардондааст ва ба сабаби ҳамин амр даъватгаронро низ лозим аст, ки бо исрофи мол мубориза баранд.

Исрофи дигаре низ вуҷуд дорад, ки хатарноктар аз исрофи мол аст ва он исрофи ақл мебошад. Исрофи ақл дар байни баъзе даъватгарон, аниқтараш онҳое, ки иддаои даъватгар буданро мекунанд, паҳн гаштааст. Баъзеҳои онҳоро мебинем, ки дар бораи як фирқае, ки солҳост аз байн рафтааст ва барои уммати исломӣ ҳеҷ хатаре надорад, як фасли комиле ва ё китобе менависад ва чун онро мехонӣ, ҳеҷ чизеро намефаҳмӣ ва намедонӣ, ки нависанда чӣ мақсад дорад. Дигареро мебинем, ки маълумоти зиёдеро ҷамъ мекунад, ки аслан барои ҳадафаш ҳеҷ фоидае надоранд ё аслан дуруст нестанд, вале бо навиштаҳояш мехоҳад ба хонанда бифаҳмонад, ки фаҳми васеъ ва маълумоти зиёде дорад. Ва шахси дигареро мебинем, ки

чизҳои номаълум ва нофаҳмо менависад, ки навиштаҳояш далолат мекунанд, ки ҳадафаш номаълум аст ва ё ҷуръати баёни ҳадафашро надорад.

Ин намунаҳои исрофи ақл мебошанд, ки агар аз исрофи мол бадтар набошад, камтар аз он нест. Даъватгарони мухлис бояд аз ин исрофи ақл ҳазар кунанд, зеро он зоеъ намудани вақт, кӯшиш, мол ва ачру савоб буда, аз масъулиятҳои ҳақиқӣ гурехтан аст. Шояд ин кор аз тарафи гурӯҳҳои махсусе барои фиреб ва ё аз масири аслӣ берун кардани даъватгарон бошад ва худи нависанда онро дарк накарда бошад, вале нияти бад надоштан натиҷаи корро тағйир дода наметавонад.

91. ТААССУБ ВА ҶОНИБДОРИИ КӮР-КӮРОНА

Табиист, ки доӣ ҷонибдори василаест, ки аз он дар даъваташ истифода менамояд ва ин тарафдориаш ба он хотир аст, ки ин василаро назар ба дигар василаҳо беҳтар дониста, ба хотири хусусиятҳояш онро интихоб намудааст. Аммо набояд барои ин васила даъвои исмат ва бехатоӣ кунад, то ба василаҳои дигарон зулм нашавад. Ин ҷонибдориро дуруст ва лозим медонанд, вале агар чунин набошад, дар он ҳолат дар таассубе воқеъ шудааст, ки Ислом онро ҳаром ва аз умури ҷоҳилият донистааст.

Бояд ёдовар шавем, ки меъёр ва тарозу тақво ва амали солеҳ аст. Ин меъёр тақозо мекунад, ки ҳатман аз тамоми таассубҳои ҷоҳилият, аз ҷумла таассуби маҳаллӣ, ҳизбӣ, қавмӣ ва гурӯҳӣ парҳез шавад.

92. БАРТАРӢ, ВАЛЕ...

Ин ки мусулмон худашро бар ботил бартар медонад кори нек аст ва ба он далолат мекунад, ки бо тамоми ҳастиаш ба Аллоҳ таоло таваккал намудааст ва ба дуруст будани дине, ки ба сӯи он даъват мекунад, эътиқоди комил дорад.

Мусулмон замоне муртакиби хато мешавад, ки худро чуноне, ки бар ботил бартар медонад, аз мусулмононе, ки даъваташон мекунад, беҳтар бидонад. Ин бартариҷуӣ ботил ва яке аз макрҳои нафс аст, ки инсонро фиреб медиҳад, ки аз дигарон беҳтар ва афзал аст ва набояд бо онҳо ҳамнишин шавад, то покии ӯ бо нопокии онҳо, илми ӯ бо

ҷаҳли онҳо ва бузургии ӯ бо пастии онҳо олуда нагардад. Ва агар даъватгар ба ин дараҷа рафта расид, пас ӯ даъватгар нест, балки бори вазнине бар дӯши даъват аст.

Даъватгар бояд худро аз ботил бартару беҳтар бидонад, на бар касоне, ки онҳоро даъват мекунад, балки Аллоҳ таолоро шукгузорӣ намояд, ки барояш шарофати хизмати онҳоро бо муҳаббат, сабр, зинда намудани хайри нуҳуфта дар вуҷуди онҳо насиб кардааст. Бо ин роҳ ӯ метавонад сифати бартару беҳтар буданро дар ҷои муносиби худаш гузошта, аз фиребу макри нафс наҷот ёбад, зеро ин бартарӣ бартарии ҳақ бар ботил аст, на бартарии фардӣ ё ҳизбӣ.

93. ОДАТ АСТ, НА ДИН

Баъзе урфу одатҳо он қадар дар байни мардум вазн пайдо мекунанд, ки фикр мекунӣ бахше аз дин бошанд, вале дар асл аз дин нестанд. Ин умурро метавон дар хурсандиҳо, мусибатҳо, алоқаҳои иҷтимоии умумӣ ва махсусан дар бархӯрд бо занҳо вохӯрд. Бояд мо байни одат ва дин фарқ гузорем ва одатҳоямонро дар меъёри дин бисанҷем ва сипас онро қабул ё рад кунем.

94. ВОБАСТАГӢ ВА БЕПАРВОӢ

Баъзе фарзандони ин уммат ба сӯи гузаштаи тиллоии уммати исломӣ баргашта, бе ин ки коре анҷом диҳанд, дар бораи гузашта суҳбат мекунад, онро таъриф намуда, худро ба он нисбат медиҳанд. Фикр мекунанд бо ин корашон вазифаашонро иҷро намудаанд ва бо ҳамин амал иктифо намуда, барои имрӯзу фардои уммат кореро анҷом намедиҳанд.

Гурӯҳи дигаре аз фарзандони ин уммат ба ҳолати ноумедкунандаи имрӯзи уммати исломӣ назар карда, аз ин ё он ҷиҳат барҳақ ё ноҳақ шикоят ва маломат менамояд. Бе ин ки ба қадри тавонашон коре анҷом диҳанд, фикр мекунанд, ки бо ин корашон масъулият ва вазифаашонро анҷом додаанд. Худро дар оғӯши ғаму ғусса ва ноумедиҳо андохта, бе амал барои зинда кардани нақши худашон дар ҳаёт ва бе ин ки ҳис кунанд, ки Худованд онҳоро барои ҷонишинӣ дар рӯи замин офаридааст ва бар ҳама оламиён шарофат додааст, дар ҳамон ҳол боқӣ мемонанд.

Гурӯҳи сеюме вуҷуд дорад, ки ба сӯи оянда мегурезанд ва ҳеҷ кореро анҷом надода, мунтазири имоми муҷаддид, Маҳдии мунтазар, пешвои роҳнамо ва ё қаҳрамони наҷотдиҳандае мемонанд. Фикр мекунанд омадани чунин имом тамоми мушкилотро ҳал менамояд ва ба ҳама орзуҳояшон мерасанд, вале фикр намекунад, ки қонунҳои Худовандӣ дар рӯи замин барои ҳама яканд ва ҳеҷ касеро тарафдорӣ намекунанд. Бо ҳамин афкор мунтазир нишаста, аз фаъолият боз меисатанд ва вазифаи ободсозии заминро, ки бар уҳда доранд, фаромӯш мекунанд.

Дар ҳақиқат, ин се гурӯҳ аз масъулият ва вазифаҳое, ки бар дӯш доранд, мегурезанд ва ба сабаби аҷзу нотавониашон барои худ баҳонаҳои беасосеро ёфта, худашонро фиреб медиҳанд. Ин гурӯҳҳо бар дӯши даъвати исломӣ ва зиндагӣ бори гарон ҳастанд.

Ҳақиқат ин аст, ки мусулмон бояд масъулият ва вазифаашро бидонад ва онро бо ихлосу маҳорат анҷом диҳад, хоҳ ин вазифа хурд, хоҳ бузург. Кам бо кам якҷо шуда, бисёр мешавад ва қатра бо қатра дарё мешавад ва агар Худованд дар амали бандагонаш ихлосро бубинад, дар он амал баракат медиҳад ва онро рушд дода, аз он беҳтарин меваҳо ва хубтарин амалҳо насиби уммати исломӣ мегардад.

95. ШАБНИШИНОҲОИ БЕҲУДА

Аз ҷумлаи фиреби нафс ин аст, ки баъзе доиён дар муносибатҳои гуногун бо ҳам нишаста, гап мезананд. Ин шабнишиниҳои беҳудаест, ки дар он аз Шарқу Ғарб суҳбат менамоянд, ину онро интиқод мекунанд, ҷоми ғазабашонро бар сари ин ё он воқеа холӣ намуда, орзуву таманниёти зиёде менамоянд ва бе ин ки кореро анҷом дода бошанд, бармехезанд. Бо ин корашон фикр мекунанд масъулиятҳояшонро назди Худованд анҷом дода, динашро нусрат намудаанд. Аммо дар асл дини Худоро ҳеҷ нусрате накардаанд, балки худашонро бо ин пургӯиҳо фиреб намуда, ин корро барои розӣ намудани шаҳвати калом анҷом додаанд.

Ин корашон худфиребӣ буда, дар асл аз вазифаҳои асосиашон мегурезанд ва он заъфу нотавонӣ ва беҳудагӯиҳояшонро либоси динӣ мепушонанд, ки дар асл сазовори ин либос нестанд.

96. КӮТОҲӢ ВА ТАҚСИР

Фаъолиятҳои бисёре аз мусулмонон, аз ҷумла даъватгарон камбудиҳои бисёре дар баробари дин ва дунёашон доранд ва ин амр бо он неъматҳои бузурге, ки Худованд барои онҳо додааст, ҳамоҳанг нест. Зеро онҳо метавонистанд бо истифодаи ин неъматҳои бузург монанди ақидаи дурусти ҳидоятгар, сарватҳои бузург, ҷойгоҳи ҷуғрофии стратегӣ ва рушди башарӣ роҳбарони башарият ва созандагони тамаддун бошанд. Ба ҳамин хотир оқилон бояд барои ҳалли ин мушкил талош намоянд, то ин ки мусулмононро аз ғафлат ба сӯи бедорӣ ва аз кӯтоҳӣ ба сӯи пешрафт роҳнамоӣ кунанд. Аз ҷумлаи муҳимтарин умуре, ки метавонанд дар ин кор кумак кунад, инҳоянд: ҷиддият, ихтироъкорӣ, дурусткорӣ, мусобиқа, сифатнокӣ, аз фурсатҳо истифода намудан, фаъолиятҳои муназзам, ташвиқи некукор, муҷозоти бадкирдор ва дӯст доштани амал.

97. ХАТАРҲОИ ПИНҲОНКОРӢ

Аз масоили сиррӣ ва ботинӣ дар фикри исломӣ ва фаъолиятҳои исломӣ барҳазар медорем ва таъкид менамоем, ки дини мубораки Ислом дини возеҳ буда, тамоми усул ва арзишҳояш ошкор мебошанд ва дар он ҳеҷ сирру асрор ва иловагиҳое вуҷуд надорад.

Возеҳ ва ошкор будани ақида нишонаи қуввату устувории он аст, зеро инсон он чиро эълон медорад, ки ба он ифтихор мекунад, ва инсонҳо бо табиати солимашон андешаҳои возеҳ ва ошкорро қабул мекунанд ва аз афкори номаълум ва нофаҳмои пинҳонӣ нафрат менамоянд.

Хатоҳои пинҳонкорӣ ба соҳибонашон бештар аз дигарон зарар мерасонанд. Ин хатогиҳо ба сабаби пинҳонӣ буданашон бисёр мешаванд, зеро дар торикиҳо қарор доранд ва дида намешаванд, то ислоҳ шаванд. Бар хилофи хатогиҳое, ки ошкор воқеъ мешаванд, зеро ин хатогиҳо ошкор ҳастанд ва ислоҳи он осонтар аст.

98. ХАТАРҲОИ УМУМИЯТ

Фарҳанги умумӣ ҳукм кардан дар байни даъватгарон бисёр паҳн гаштааст. Мисол, мегӯянд: “Тамоми қуввахои ғайри мусулмон бар зидди мусулмонон ҷамъ гаштаанд”, “Душманони Ислом бар ҳама чиз

қодиранд”, “Тамоми фаъолиятҳои исломии расмӣ фиребу макру ҳилла аст, ки бояд аз он эҳтиёт шавад”, “Тамоми фаъолиятҳои исломии мардумӣ хайру хуб аст”, “Фалон гурӯҳ дар пешравӣ ва фалон гурӯҳ дар қафоравӣ аст”, “Дар тамоми корҳои фалон гурӯҳ найранг вуҷуд дорад ва дар корҳои фалон гурӯҳ ҳеҷ гуна найранге нест”. Яъне нисбати гурӯҳе ё коре бо умумият ҳукм менамоем ва онро комилан дуруст ё нодурст мехонем. Чунин фикр аз инсоф ва воқеият дур буда, ҳукми сатҳӣ мебошад. Чунин ашхос бештар ба ҳукмҳои омода ва тайёршуда рӯ меоранд ва худро аз масъулияти ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва иқдомот дур месозанд ва чунин мепиндоранд, ки онҳо маъзур ҳастанд ва ноумед гашта, ҳаракат намекунанд. Зеро онҳо фикр мекунанд, ки рӯ ба рӯи тӯфони бузурги қувваҳои шарру бадӣ қарор доранд ва тавони мубориза бо онҳоро надоранд. Ин фикр мухолифи қонуни муборизаест, ки Худованд дар рӯи замин гузоштааст. Мусулмон бояд аз чунин ҳукми умумӣ бипарҳезад, нури ақлу чароғи дилашро равшан созад ва ҳар як корро ба хубӣ таҳлил намуда, онро дар ҷои худ бигузорад ва талош кунад, ки сабабҳо ва иллатҳову натиҷаҳоро дарк намояд. Инчунин битавонад интихоби роҳҳои ҳал ва эҷоди онро бифаҳмад ва дар асорати ваҳму хаёл намонад. Дар ҳолате қарор нагирад, ки маҷбур шавад яке аз ду чизи бо ҳам зидро интихоб намояд.

99. ДАСИСА

Дар солҳои охир сухан дар бораи дасиса бисёр гаштааст. Баъзеҳо фикр мекунанд дасисаҷуӣ ом гашта ва дар ҳама ҷо вуҷуд дорад. Баъзеҳои дигар онро ба таври кулли инкор мекунанд ва баъзеҳои дигар нисбати он бетарафиро интихоб менамоянд.

Ҳақиқат ин аст, ки дасисаҷӯӣ ҳамзамон бо башарият пайдо шуд ва ҳамеша боқӣ хоҳад монд, вале барои мо на аз рӯи диндорӣ ва на аз рӯи ақл дуруст аст, ки ҳама чизро ба маънои дасиса тафсир намоем. Мо бояд бидонем, ки дасиса гоҳе комёб мешавад ва гоҳи дигар ноком мегардад ва гоҳи дигар ба зарари дасисаҷӯён мебошад. Ва мо набояд аз дасиса ба таври куллӣ битарсем ё тамоман нисбати он беаҳамият бошем, яъне онро дар ҳаҷму андозаи худаш бишносем, машғули мубориза бо дигарон бар асоси қонуни мубориза бошем ва аз тафсилоти он дур буда, заъфу нотавониҳои худамонро ба дасисаҷӯиҳои дигарон нисбат надиҳем.

Аз зарарҳои дасиса дар ғафлат мондан, бархӯрди нодуруст кардан бо он ва тарк намудани василаҳое, ки Худованд лозим кардааст, аз худи дасиса хатарноктар мебошанд.

100. ИХТИЛОФҲОИ МУФИД

Аз ҷумлаи афкори паҳнгашта дар байни даъватгарон ин аст, ки душманони Ислом дар муқобили онҳо дар як саф ба шакли доимӣ муттаҳид гаштаанд. Аммо фаҳми дуруст ин аст, ки онҳо гоҳе дар ҷанг бо Ислом ва мусулмонон муттаҳид мешаванд ва гоҳе дигар корҳоеро анҷом медиҳанд, ки новобаста аз ҳадафҳояшон ба нафъи Ислом ва мусулмонон тамом мешаванд.

Доиён бояд қувваҳои душманро ба хубӣ биомӯзанд ва нуқтаҳои ихтилофоташонро ёфта, аз ҳамон ҷойҳои ихтилофӣ ба фоидаи мусулмонон ва сарзаминашон истифода намоянд. Аммо ин, ки ба таври умумӣ ҳукм кунем ва ҳамаро ба таври куллӣ бад бидонем, бо қоидаҳои Худовандӣ дар рӯи замин ва ҳақиқатҳои таърихӣ дар гузашта ва воқеиятҳои имрӯзӣ мухолифат мекунад. Ин худ як шакли танбалии фикрӣ мебошад, ки мехоҳанд аз фикр кардан дар бораи ихтилофоти душманон ва пайдо кардани роҳҳои ҳал бигурезанд. Ин худфиребӣ мебошад, ки мехоҳанд заъфу тарсуии худро бо ин узрҳо бипӯшонанд ва бигӯянд, ки мо дар муқобили қуввахои бузурге қарор дорем, ки бо онҳо мубориза номумкин аст.

Хотима

Низоми коммунистӣ дар охирҳои асри бист аз байн рафт ва низоми сармоядорӣ дар марҳалаҳои мушкил қарор дошта, арзишҳои бузургтаринаш заиф гаштаанд ва қоидаҳои асосиаш мавриди шак қарор гирифтаанд. Имрӯз мебинем, ки дар Ғарб сабабҳои қуввату тавоноии ин низом суст гашта истодаанд ва ҳар рӯз омилҳои шикасти онро дар хабарҳо мешунавем. Суннатҳои Худовандӣ дар рӯи замин тағйир накардаанд ва тағйир намекунанд ва мурооти касеро низ намекунанд.

Ҳеҷ касе вуҷуд надорад, ки имконоташ барояш иҷозат диҳад, то ҷаҳонро роҳбарӣ кунад, магар шумо, эй даъватгарони Ислом. Пас кӯшиш кунед, то дар сатҳ ва дараҷаи дин ва асри худатон бошед, то тавонед роҳбари ин киштӣ гардед ва ба худ ва дигарон, ба мусулмонон ва ғайри мусулмонон хайру некӣ намоед.

Масъулияти шумо бузург аст, ки шомили ҳар давру замон ва ҳар макону ҳар инсон мегардад. Даъвати шумо даъвати раҳмат, шариати осон, дур кардани мушкилот ва занҷирҳои ғуломӣ, нармиву меҳрубонӣ бо тамоми мардум дар рӯи замин мебошад. Ба ҳамин хотир шумо бояд вазифа ва масъулиятҳои худро ба хубӣ дарк намоед.

Бояд бидонед, ки шумо даъватгар ҳастед, на қозӣ, ислоҳкор ҳастед, на ҷангҷӯи бетадбир, бунёдкор ҳастед, на вайронкунанда, меҳрубон ҳастед, на кинатӯз ва бо рӯҳияи падар бо фарзандонаш ва духтур бо беморонаш бояд бархӯрд намоед, на бо рӯҳияи зиндонбоне, ки зулм мекунад, ва ё шахсе, ки интиқом мегирад.

Вақте шумо чунин бархӯрд намудед, дар он сурат шумо роҳёфтагон ва роҳнамоён, ҳидоятёфтагон ва ҳидояткунандагон гашта, бо манфиаттарин мардум барои бандагони Худо хоҳед буд. Махлуқот аёли Худованд мебошанд ва маҳбубтарин бандагон назди Аллоҳ таоло касе аст, ки манфиаташ бештар ба махлуқоти Худованд бирасад. Он ҷост, ки Худованд зимоми умури мардумро бо ризояти худашон дар ихтиёратон мегардонад, то онҳоро ба сӯи хайр, нур ва Ислом бубаред.

Ин Оиннома якчанд қоидаро пешниҳод мекунад ва тамоми он аз аввал то охир маҳсули таҷрибаҳои тӯлонӣ, таҳқиқоти ҳамешагӣ, нигоҳи амиқ, заҳмату таҷриба ва пайгирӣ мебошанд. Ҳадаф аз ҷамъоварии он дар хизмати оммаи мусулмон ва махсусан аҳли илму ҳикмат қарор гирифтанашон мебошад, то ҳамчун оинномаи фаъолиятҳои даъвати динӣ ва дастуре барои фикру фаъолият қарор бигирад. Бо истифода аз он талош намоем, то доираи ҳамфикрӣ, дурусткорӣ ва фаъолият васеътар ва доираи ихтилофот, хатокориҳо ва сустӣ тангтар гардад.

Аз касоне, ки дар майдони даъват фаъолият мекунанд, хоҳиш карда мешавад, ки ин қоидаҳоро ба таври амиқ биомӯзанд ва назари худро дар бораи он бо кам, илова, иваз ё пешу қафо кардани мавзӯе, пешниҳод ва ё ислоҳ баён доранд.

Дар навбати худ бародаронеро, ки барои мо менависанд, ваъда медиҳем, ки тамоми он чиро, ки барои мо менависанд, дар назар гирифта, арзиш қоил мешавем ва аз онҳо сипосгузорӣ менамоем. Аз онҳо хоҳиш менамоем, ки ба ин панднома ба ин дидгоҳ назар кунанд, ки аз худи онҳост ва барои онҳост. Пас ҳар чизеро, ки мехоҳанд, бинависанд ва мо барои онҳо сипосгузорӣ мекунем ва аз Худованд барояшон аҷру савобро таманно менамоем.

Пешниҳоди андешаҳо дар партави нур ва рӯшноӣ ва онро ошкоро мавриди муҳокима қарор додан услуби беҳтарест барои донистани дурустӣ ва хатогиҳои он. Ба ҳамин сабаб хостем ҳиммати даъватгаронро бедор намуда, фикру андешаҳои онҳоро дар бораи ин Оиннома бифаҳмем. Аз андешаҳои онҳо истифода намуда, сифати ин Оинномаро беҳтар созем. Талош намудем, то ин маҷмӯа комил гашта, дастраси муассисаҳо ва ҷамъиятҳои исломӣ гардад. Ин ҳадяи мо барои онҳост, то ҳар муассиса ва ҷамъият аз ин маҷмӯа ҳар он чизеро, ки барояшон муносиб аст, бигиранд ва он чиро, ки лозим медонанд, илова намоянд ва онро тавсеа бахшанд. Дар ин кор ба хости Худованди бузург хайри бузург вуҷуд дорад.

Нусрату тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ таолост ва аз Ӯ таоло талаб мекунем, то моро барои расидан ба ризояш тавфиқ дода, аз мо дар итоату бандагияш истифода намояд. Аллоҳ таоло бар ҳама чиз қодиру тавоно аст.

Аз касоне, ки дар майдони даъват фаъолият мекунанд, хоҳиш карда мешавад, ки ин қоидаҳоро ба таври амиқ биомӯзанд ва назари худро дар бораи он бо кам, илова, иваз ё пешу қафо кардани мавзӯе, пешниҳод ва ё ислоҳ баён доранд.

Дар навбати худ бародаронеро, ки барои мо менависанд, ваъда медиҳем, ки тамоми он чиро, ки барои мо менависанд, дар назар гирифта, арзиш қоил мешавем ва аз онҳо сипосгузорӣ менамоем. Аз онҳо хоҳиш менамоем, ки ба ин панднома ба ин дидгоҳ назар кунанд, ки аз худи онҳост ва барои онҳост. Пас ҳар чизеро, ки мехоҳанд, бинависанд ва мо барои онҳо сипосгузорӣ мекунем ва аз Худованд барояшон аҷру савобро таманно менамоем.

Пешниҳоди андешаҳо дар партави нур ва рӯшноӣ ва онро ошкоро мавриди муҳокима қарор додан услуби беҳтарест барои донистани дурустӣ ва хатогиҳои он. Ба ҳамин сабаб хостем ҳиммати даъватгаронро бедор намуда, фикру андешаҳои онҳоро дар бораи ин Оиннома бифаҳмем. Аз андешаҳои онҳо истифода намуда, сифати ин Оинномаро беҳтар созем. Талош намудем, то ин маҷмӯа комил гашта, дастраси муассисаҳо ва ҷамъиятҳои исломӣ гардад. Ин ҳадяи мо барои онҳост, то ҳар муассиса ва ҷамъият аз ин маҷмӯа ҳар он чизеро, ки барояшон муносиб аст, бигиранд ва он чиро, ки лозим медонанд, илова намоянд ва онро тавсеа бахшанд. Дар ин кор ба хости Худованди бузург хайри бузург вуҷуд дорад.

Нусрату тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ таолост ва аз Ӯ таоло талаб мекунем, то моро барои расидан ба ризояш тавфиқ дода, аз мо дар итоату бандагияш истифода намояд. Аллоҳ таоло бар ҳама чиз қодиру тавоно аст.

9 789967 089945